Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№27 (12561)
8 июли
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ



ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР СУҒД

7 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Айнӣ ба таври фосилавӣ 10 иншоотро мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти нав марбут ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва муқаддасоти Ватан буда, аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ ва соҳибкорони ҳиммatbаланд сохта шудаанд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ бинои муассисаи таълимиро дар деҳаи Фатмеви деҳоти Рарз мавриди истифода қарор доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо бунёди муассисаи таълимӣ барои 320 хонанда дар як баст шароити мусоиди таҳсил фароҳам гардида, сатҳу сифати таълиму тарбия боз ҳам беҳтар гардид.

Бинои нави муассиса дорои синфхонаҳои таълимӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад.

Иншооти дуюм, бинои хуштарҳу замонавии муассисаи томактабии рақами 12 дар деҳаи Такфони деҳоти Анзоб мебошад.

Зимни муаррифии иншооти тозабунёд гуфта шуд, ки муассисаи мазкур аз 7 синфхона, 2 ҳуҷраи корӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Ҳамакнун, бо мавриди баҳрабардорӣ қарор додани кӯдакистон 120 хурдсоли деҳаи Такфон ба таълиму тарбия ҷалб гардида, 8 мутахассис бо кори доимӣ таъмин мешаванд.

Иншооти навбатӣ муассисаи таҳсилоти томактабии «Фурӯғи фардо» барои 120 кӯдак мебошад.

Дар муассисаи нави томактабӣ 8 ҳуҷраи таълиму тарбия ва дигар шароити зарурӣ ҷойгир шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки муассисаи томактабӣ бо саҳми Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, соҳибкорон ва сокинони маҳаллӣ бунёд гардида, корҳои сохтмонӣ тариқи ҳашар амалӣ шудааст.

Ҳамчунин, муассисаи таҳсилоти томактабии «Гулшан» барои 80 кӯдак мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинои муассиса аз 7 ҳуҷраи асосӣ, ошхона, ҳуҷраи ҳамшираи тиббӣ, 2 ҳуҷраи санитарию беҳдоштӣ ва ҳуҷраҳои корию ёрирасон иборат мебошанд.

Муассисаи томактабӣ аз тарафи соҳибкори ватанӣ Меҳрон Давронзода бунёд шудааст.

Иншооти дигари ба таври фосилавӣ ифтитоҳшуда беморхонаи минтақавӣ мебошад, ки дорои 18 ҳуҷраи корию муолиҷавӣ ва 20 кати табобатӣ аст.

Бо бунёди он оянда сокинони деҳаи Такфон ба дигар ҷо ба табобат намераванд. Дар иншооти нави тандурустӣ 20 мутахассиси соҳибмаълумот ва ҷавони ноҳия соҳиби ҷойи кор гардиданд.

Дар ҳамин ҷо муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 37-и ба номи Қаландар Солеҳови шаҳраки Зарафшони ноҳияи Айнӣ низ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бинои нави таълимӣ аз 8 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла, 2 синфхонаи фаннӣ ва 3 ҳуҷраи корӣ иборат мебошад.

Иншооти дигар бинои иловагии муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 4-и шаҳраки Зарафшон мебошад.

Бо бунёди бинои нави иловагӣ, дар маҷмуъ, 120 хурдсол дар 8 гурӯҳ барои таҳсил дар мактаб омода карда мешаванд. Бо мавриди истифода қарор додани кӯдакистон 20 мураббия ва 5 корманди техникӣ бо кори доимӣ таъмин шуданд.

Дар рафти сохтмони иншооти мазкур 50 сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб шуд.

Аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, ба таври фосилавӣ дар шаҳраки Зарафшон толори варзишӣ, майдони Парчами давлатӣ ва Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Шоҳ Исмоили Сомонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Иншооти мазкур бо мақсади таҳкими эҳсоси ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва баҳри истиқболи сазовор аз ҷашни умумимиллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд гардидааст.

Дар баробари мавриди истифода қарор гирифтани 2 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 700 хонанда насли наврас дар иншооти ба тозагӣ биноёфта дониши хешро сайқал медиҳанд.

Дар муассисаҳои томактабии нави дар шаҳраки Зарафшон деҳаҳои Такфон, Лоҳутӣ ва Урметан 700 хурдсол ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд.

ДАР ИН ШУМОРА



Сулҳу субот – сарчашмаи ояндаи дурахшону босаодати инсоният 6-7



Китоби дарсӣ ва такмили сифати таҳсилот 8

Паркҳои технологӣ – омили муҳимми пайванди илм бо истеҳсолот 10

Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ: манбаи дониш ё воситаи вақтгузаронӣ? 11

Истироҳатгоҳҳои наздимактабӣ – макони фароғат ва рушди кӯдакон 13

ТАВАҶҶУҲ

Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, қолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.

QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.

FACEBOOK TELEGRAM

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Мард бояд, ки айби худ бинад,
Бар раҳи зӯру ғайба наншинад.
Абдулмаҷди Саноӣ

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР СУҒД



7 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Шаҳристон тариқи фосилавӣ 7 иншооти дорои аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоиро мавриди истифода қарор доданд.

Нахуст Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Коргоҳи истеҳсоли обҳои ташнагишикани Оби Баҳор, воқеъ дар мавзеи Хуррамдара расман оғоз бахшиданд. Тибқи иттилои масъулин, дар иншооти мазкур 20 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд.

Ҳамчунин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳавзи моҳипарварии ҶДММ «Технологияи сохтмон»-ро ифтитоҳ намуданд. Иттилоъ дода шуд, ки ин ҳавз дар деҳаи Чилҳуҷраи ноҳия ҷойгир буда, барои парвариши 5 ҳазор гулмоҳӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин иншоот низ беш аз 10 нафар соҳиби ҷойи кор гардидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ба фаъолияти Парваришгоҳи дарахтони нодир дар мавзеи Хуррамдараи ноҳияи Шаҳристон низ оғоз бахшиданд.

Ин парваришгоҳ дар доираи татбиқи амалии Барномаи миллии кишвари сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Барномаи давлатии сабзкории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар масоҳати беш аз 5 гектар бунёд ёфта, дар он зиёда аз 7500 дарахти нодиру ороишӣ ва сояафкан бо усулҳои муосир парвариш меёбад.

Ҳамзамон дар ин ҷо 2 иншооти соҳаи маориф – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 бо 240 ҷойи нишаст дар як баст дар деҳаи Чилҳуҷра ва муассисаи таҳсилоти томактабии «Шукуфаҳои Истиқлол» барои 240 кӯдак дар деҳаи Шаҳристон ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дар коргоҳи истеҳсолӣ асосан духти либосҳои мактабӣ пешбинӣ гардида, дар асоси дархости мизоҷон либосҳои занона, мардона ва варзиширо низ омода месозанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи ду иншооти соҳаи саноатро дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати кишвар барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, фарогирии сокинони маҳаллӣ бо кори доимӣ ва рушди саноат муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду муассисаи таҳсилоти томактабии хуштарҳу замонавиро дар деҳаи Далёни Боло бо фарогирии то 300 кӯдак ва 50 ҷойи кории нав, муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 80 кӯдак, бо 10 ҷойи корӣ дар деҳаи Чӯянчии деҳоти Ваҳдат ва 7 иншооти дигаре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шаҳристон мавриди истифода қарор доданд, марказҳои саломатӣ дар деҳаҳои Ваҳдат ва Саробӣ мебошанд. Дар ин иншооти соҳаи тандурустӣ беш аз 20 корманди тиб ба мардум хидмат хоҳанд расонд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи иншооти гуногунтаъйинотро дар деҳаҳои ноҳияи Шаҳристон тадбирҳои муҳим дар самти рушди деҳот арзёбӣ намуда, роҳбарият ва сокинони ноҳияро ба саҳмгузории бештар дар ободонии Ватан ҳидоят карданд.

***

7 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ноҳияи Деваштич ба таври фосилавӣ 12 иншооти гуногунтаъйинотро, ки дар доираи сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд ёфтаанд, ифтитоҳ намуданд.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани хатти нави технологӣ дар корхонаи Ҳаҷмис иқтидори солонаи корхона аз 5 миллион дона хишт ба 10 миллион дона расонида шуд. Аз ин ҳисоб шумораи коргарон қариб як маротиба афзуда, ба 90 кас расид.

Дар коргоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофии деҳаи Далёни Болои деҳоти Далёни Боло, ки бо саҳми соҳибкорони маҳаллӣ сохта шуда ба таври фосилавӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар он 30 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардид.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон дастур доданд, ки кӯдаконро бо таълими босифат фаро гирифта, барои ташаккули шахсият, омӯзиши донишҳои муосир, тарбияи ватандӯстӣ ва аз хурдӣ дар қалби онҳо ҷо кардани эҳтирому садоқат ба Ватан тамоми тадбирҳоро роҳандозӣ намоянд.

Ба истифода додани се муассисаи нави таълимӣ дар деҳот дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардидааст.

Марказии саломатии рақами 7-и деҳаи Ҳазорчашмаи ноҳияи Деваштич, ки баъд аз тармим ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои доимии Роҳбари давлат дар самти боз ҳам беҳтар намудани хидматрасонии тиббӣ ба аҳолии деҳот дарак медиҳад.

Бинои замонавӣ бо шароити корӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти муосир барои баланд бардоштани хидматрасониҳои тиббӣ мусоидат менамояд.


Ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардидани бинои нави хонаи фарҳанг дар деҳаи Хӯҷаҳои деҳоти Исмоили Сомонӣ ва деҳаи Муҷуни ноҳияи Деваштич аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эҳёи арзишҳои миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои истеъдодҳои маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Иншооти фарҳангӣ бо мақсади рушди фаъолияти ҳунарӣ ва тарбияи маънавии ҷавонон пешбинӣ гардида, дорои толори консертию маҷлисӣ, китобхонаи замонавӣ ва дигар бахшҳои зарурӣ мебошад.



Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 44 барои 640 хонанда дар як баст бо 60 ҷойи корӣ дар деҳаи Далёни Поён, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 28 барои 480 хонанда дар ду баст бо 40 ҷойи корӣ дар деҳаи Сурхоби деҳоти Исмоили Сомонӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ рақами 69 барои 350 нафар хонанда дар ду бастро бо 40 ҷойи корӣ дар деҳаи Панҷбоғ ба таври фосилавӣ ифтитоҳ намуданд.

Ифтитоҳи як зумра иншооти соҳаҳои саноату маориф, тандурустӣ ва фарҳанг аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Деваштич ба беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, таъсиси ҷойҳои кории нав, боз ҳам беҳтар гардидани раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани хидматрасониҳои тиббӣ дар деҳот ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ нигаронда шудааст.



Муаррифии лоиҳаи сармоягузорӣ барои бунёди комплекси сайёҳӣ

7 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шаҳристон, ҳамчунин, бо лоиҳаи сармоягузорӣ барои бунёди комплекси сайёҳии Шаҳристон - эко резорт шинос шуданд.

Ин иншооти сайёҳӣ аз чор марҳалаи сохтмонӣ иборат аст ва то ҷашни 40-солагии Истиқлоли давлатӣ дар мавзеи Хуррамдараи ноҳияи Шаҳристон бунёд мегардад.

Масоҳати умумии ин комплекси сайёҳӣ 15 гектарро ташкил дода, дар он ба масофаи зиёда аз 5 километр таноброҳ сохта мешавад.

Дар доираи лоиҳа оянда дар ин мавзеъ меҳмонхонаи зебо барои қабули 1000 сайёҳи дохиливу хориҷӣ дар як вақт сохта шуда, 100 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи иншооти гуногунтаъйинотро дар деҳаҳои ноҳияи Шаҳристон тадбирҳои муҳим дар самти рушди деҳот арзёбӣ намуда, роҳбарият ва сокинони ноҳияро ба саҳмгузории бештар дар ободонии Ватан ҳидоят карданд.

Ҳамчунин, ҷиҳати рушди устувори сайёҳӣ дар шароити кӯҳӣ, бунёди шакли нави осоишгоҳҳо барои сайёҳон ва ҷавобгӯи талаботи замони муосир, ҷалби ҳар чи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба Тоҷикистон ба масъулон дастуру тавсияҳо доданд.

www.president.tj

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бинои Театри миллии Тоҷикистон ба истифода дода мешавад.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳим

1 июли соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласа натиҷаҳои Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 июни соли ҷорӣ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат ба сохторҳои дахлдори вазорат вазифаҳои мушаххас муайян карда шуданд.



Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки бо дарназардошти дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бояд дар ҳамаи муассисаҳои соҳа масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, рушди фарҳанги китобхонӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳкими нақши китобхонаҳо, истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва интернет зери назорати қатъӣ қарор дода шаванд.

Гуфта шуд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бояд ба омодасозии мутахассисони соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, аз ҷумла, ихтисосҳои муҳандисиву техникӣ ва металлургия, инчунин, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Ҳамчунин, зимни ҷаласа вазир вобаста ба масъалаи татбиқи Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036», ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, таъкид намуд, ки ҷиҳати таҳияи мақолаҳои илмӣ, баргузории конференсияҳо ва дигар чорабиниҳои илмиву маърифатӣ вобаста ба тарғиби фарҳанги сулҳ ва таҳкими арзишҳои ваҳдату ҳамзистӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар фарҷом вазири маориф ва илм ба роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва муассисаҳои тобеи вазорат ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи ҷашни таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди фарҳанги китобхонӣ, инчунин, саҳмгузорӣ дар корҳои ободониву созандагӣ супоришҳои мушаххас дод.

Баррасии вазъи омодасозии мутахассисони варзида дар соҳаи металлургия

3 июли соли 2026 бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ мизи мудаввар дар мавзуи «Вазъи омодасозии кадрҳои баландихтисос дар самти металлургия» баргузор гардид.

Ҳамоиш дар доираи татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди соҳаи саноат, истифодаи самараноки захираҳои табиии кишвар ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди муосир баргузор гардид.

Ҳамоиш таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, олимону муҳаққиқон, коршиносони соҳаи саноат ва намояндагони корхонаҳои истеҳсолӣ баргузор гардид.

Нахуст вазири маориф ва илм таъкид кард, ки масъалаи омодасозии кадрҳои баландихтисос барои соҳаи металлургия имрӯз яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ таъкид намуданд: «Захираҳои маъдан ва ашёи хоми кишвар имконият медиҳанд, ки дар оянда як қатор корхонаҳои металлургияи ранга ба кор дароварда шуда, тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт ва афзоиш додани иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад».

Таъкид гардид, ки маҳз дар заминаи чунин дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат дар кишвар барои рушди соҳаи саноат, коркарди ашёи хоми ватанӣ, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва омода намудани мутахассисони соҳибихтисос тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд.

Вазир иброз дошт, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди соҳаи саноат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии мамлакат муайян гардида, масъалаҳои саноатикунонии босуръати кишвар, рушди металлургия, саноати кӯҳӣ, нафту газ ва робитаи зичи илм бо истеҳсолот пайваста дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи маъданҳои фоиданок, аз ҷумла, тилло, нуқра, сурб, рух, сурма, мис, ангишт ва дигар канданиҳо мебошад. Коркарди пурраи ин захираҳо дар дохили мамлакат метавонад ба афзоиши арзиши иловагӣ, баланд гардидани иқтидори содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, вазир масъалаи омодасозии кадрҳои баландихтисосро яке аз омилҳои асосии рушди устувори саноат арзёбӣ намуда, зикр кард, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд барномаҳои таълимии худро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат таҷдид намуда, ҳамкории худро бо корхонаҳои истеҳсолӣ боз ҳам тақвият бахшанд. Донишҷӯён бояд таҷрибаомӯзии истеҳсолиро бевосита дар корхонаҳои саноатӣ гузаранд, то истифодаи технологияҳои муосир, рақамикунонӣ ва таҷҳизоти навтаринро аз худ намоянд.

Сипас, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Қ. Давлатзода оид ба вазъи омодасозии кадрҳо дар самти металлургия гузориш пешниҳод намуда, аз имкониятҳои мавҷудаи донишгоҳ, барномаҳои таълимӣ, ҳамкориҳо бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва нақшаҳои рушди минбаъдаи соҳа маълумот дод.

Ҳамчунин, директори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Д. Давлатзода вобаста ба омодасозии муҳандисон ва мутахассисони соҳаи кӯҳию металлургӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар раванди таълим суханронӣ намуд.



Дар идома фаъолияти лабораторияи филиали Донишкадаи миллии тадқиқотии технологии «МИСИС»-и шаҳри Душанбе аз ҷониби М. Ҷӯраев рӯнамоӣ гардида, имкониятҳои нави таълимӣ ва илмии он барои омодасозии мутахассисони варзида муаррифӣ шуданд.

Дар қисмати музокираҳо доктори илмҳои техникӣ, профессор М. Ҳақдод, намояндаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон М. Акрамов, доктори илмҳои техникӣ, мудири кафедраи геология ва корҳои маркшедерии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Г. Самадова ва намояндаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Шарифзода вобаста ба масъалаҳои такмили низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос, мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат, таҳкими робитаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо истеҳсолот, рушди таҳқиқоти илмӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва истифодаи самараноки иқтидори илмӣ дар рушди соҳаи металлургия андешаронӣ карданд. Таъкид гардид, ки рушди соҳаи металлургия бе омода намудани мутахассисони рақобатпазир, густариши ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ, таҷвияти заминаи моддию техникӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ имконнопазир буда, дар ин самт, ҳамоҳангии ҳамаи сохторҳои дахлдор аҳаммияти калидӣ дорад.

Иштирокчиён зимни мубодилаи афкор масъалаҳои такмили мазмуни таҳсил, мутобиқ намудани ихтисосҳо ба талаботи бозори меҳнат, густариши ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо бахши истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, рушди таҳқиқоти илмӣ ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар фарҷоми ҳамоиш таъкид гардид, ки татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръати мамлакат ва истифодаи самараноки иқтидори илмӣ танҳо дар сурати омодасозии мутахассисони рақобатпазир ва таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот натиҷаҳои назаррас ба бор меорад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадоранд фаъолияти худро мутобиқ ба талаботи рушди иқтисоди миллӣ ва афзалиятҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тақвият бахшанд.

Дар шаҳри Норак гурӯҳи корӣ бо иштироки муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода ва муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода бо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии навтаъсиси №10 ва №11 шинос шуданд. Дар ҳайати гурӯҳи корӣ, инчунин, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Зиёдулло Абдулзода, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо ва мудирони шуъбаҳои маориф иштирок доштанд.

Шиносоӣ аз фаъолияти кӯдакистонҳо

Зимни боздид ба шароити таълиму тарбия, муҳайё будани синфхонаҳо, таъминоти муассисаҳо бо лавозимоти зарурӣ ва раванди фаъолияти онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Қобили зикр аст, ки биноҳои муассисаҳои мазкур қаблан ғайримақсаднок истифода мешуданд. Бо ташаббуси сокинони маҳалла онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ табдил дода шуда, барои фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Сокинони маҳал аз таъсиси чунин муассисаҳо изҳори хушнудӣ намуда, онро иқдоми муҳим дар самти рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас арзёбӣ карданд.

Гурӯҳи корӣ аз синфхонаҳо ва дигар иншооти муассисаҳо дидан намуда, ба шароити фароҳамгардида ва фаъолияти роҳбарияту кормандони муассисаҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдакон баҳои мусбат доданд.

Ҳамзамон, барои боз ҳам беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ва фароҳам овардани муҳити боз ҳам мусоид ба масъулин дастуру тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардид.

Ёдовар мешавем, ки чунин иншооти ғайримақсаднок дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ вуҷуд доранд. Иқдоми сокинони ин маҳалла ҳамчун намунаи ибрат мебошад. Таъкид гардид, ки чунин ташаббусро дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ мавриди амал қарор додан ба манфиати рушди соҳаи маориф ва ҷомеа мебошад.

Дида зи айби дигарон кун фароз,
Сурати худ бину дар ӯ айб соз!
Низомии Ганҷавӣ

НАТИҶАГИРӢ

Фаъолиятро тақвият бахшем

1 июли соли 2026 дар Кохи фарҳанги шаҳри Норак ҷаласаи ҷамъбастии раёсати маорифи вилояти Хатлон оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар нимсолаи якуми соли 2026 баргузор гардид.



Дар он муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода, муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Зиёдулло Абдулзода, инчунин, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, мудирони шуъбаҳои маориф, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва дигар масъулони соҳа иштирок намуданд.

Сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон З. Абдулзода оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар шаш моҳи аввали соли 2026 ҳисобот пешниҳод кард. Зимни ҳисобот масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, иҷрои барномаҳои соҳавӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, таҳкими заминаи моддию техникӣ ва омодагӣ ба соли нави таҳсил мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм зимни суханронӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот, иҷрои босифати барномаҳои давлатӣ, омодагӣ ба соли нави таҳсил ва татбиқи дастуру супоришҳои вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳа ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Муовини раиси вилояти Хатлон низ фаъолияти соҳаи маорифи вилоятро таҳлил намуда, ҷиҳати иҷрои саривақтии вазифаҳои гузошташуда, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, таҳкими корҳои тарбиявӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ба масъулон дастуру супоришҳои дахлдор пешниҳод кард.

Дар анҷом қарори дахлдор оид ба ҷамъбасти фаъолияти нимсолаи якуми раёсати маорифи вилояти Хатлон қабул гардида, барои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда ва рушди минбаъдаи соҳаи маорифи вилоят вазифаҳои мушаххас муайян карда шуданд.

***

Дар толори раёсати маорифи вилояти Суғд ҷаласаи мушовараи раёсат оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти соҳаи маорифи вилоят дар нимсолаи аввали соли 2026 баргузор гардид. Дар он роҳбарият ва кормандони дастгоҳи раёсат, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Бӯстон, Гулистон, Ҷаббор Расулов ва Спитамен ба таври ҳузурӣ иштирок намуда, намояндагони дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба таври маҷозӣ пайвастанд.

Дар оғоз сардори раёсати маорифи вилоят аз қабули қатъномаи таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон гардидани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда солҳои 2026-2035», ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, ёдовар шуда, онро дастоварди муҳимми сиёсати хориҷии кишвар арзёбӣ намуд.

Сипас роҳбарияти маорифи вилоят оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳаи маориф дар шаш моҳи аввали соли 2026 маърӯза намуда, дастовардҳо ва вазифаҳои минбаъдаро баррасӣ кард. Ҳамзамон, нақшаи кории раёсат барои нимсолаи дуюми соли 2026 тасдиқ гардид.

Аз рӯйи масъалаи дуюми рӯзнома сардори шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи вилояти Суғд оид ба пешгирии қонунвайронкунӣ ва таъмини риояи талаботи қонунгузорӣ баромад намуда, ба масъулин тавсияву супоришҳои мушаххас пешниҳод кард.

Инчунин, мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Зафаробод зимни суханронӣ фаъолияти раёсати маорифи вилояти Суғдро дар асоси моҳи аввали соли 2026 қаноатбахш арзёби карданд.

Дар фарҷом сардори раёсат ба иҷрои саривақтии супоришҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси вилояти Суғд, татбиқи босифати сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, иҷрои барномаҳои давлатӣ ва вусъат бахшидани корҳои ободониву созандагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда, ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

***

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №152-и шаҳри Вахдат ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти раёсати маорифи шаҳри Вахдат дар шаш моҳи аввали соли 2026 баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовини раиси шаҳри Вахдат М. Баҳриддин, намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сардори раёсати маорифи шаҳри Вахдат, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва томактабии шаҳр иштирок намуданд.

Ҳисоботи сардори раёсати маорифи шаҳри Вахдат оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳаи маорифи шаҳр дар шаш моҳи аввали соли 2026 пешниҳод гардид. Дар ҷараёни ҷаласа роҳбарони як қатор муассисаҳои таълимӣ низ вобаста ба дастовардҳо, нишондиҳандаҳои фаъолияти муассисаҳо ва масъалаҳои мавҷуда суханронӣ намуданд.

Зимни баромадҳо ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, барои беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод шуданд.

Дар фарҷом фаъолияти раёсати маорифи шаҳри Вахдат дар шаш моҳи аввали соли 2026 қаноатбахш арзёбӣ гардида, ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаҳои боз ҳам беҳтар ба масъулин вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

***

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №129-и ноҳияи Фирдавсӣ ҷаласаи мушовараи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе оид ба натиҷаҳои фаъолияти шаш моҳи аввали соли 2026 баргузор гардид.

Дар ҷаласа сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Асомиддинзода, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Б. Исмоилзода, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ҳайати мушовара, роҳбарони шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии пойтахт иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа ҳисоботи сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар шаш моҳи аввали соли 2026 шунида шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, рақамикунонии низоми маориф, густариши истифодаи барномаи электронии «eDonish», таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо волидайн, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид гардид, ки аҳли маориф дар партави ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати маорифпарваронаи Роҳбарияти олии кишвар вазифадоранд дар тарбияи насли донишманд, ватандӯст ва сулҳпарвар саҳми бештар гузоранд.

Дар қисмати музокира як қатор иштирокчиён оид ба масъалаҳои рушди соҳа ва такмили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ андешаронӣ намуданд.

Сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти Сарраёсати маорифи шаҳри Душанберо дар шаш моҳи аввали соли 2026 қаноатбахш арзёбӣ намуда, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои соҳа дар нимсолаи дуюми сол ба масъулин тавсияву супоришҳои мушаххас дод.

Дар фарҷом барои саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас ба як қатор омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва кормандони соҳа нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва «Ифтихорнома»-и Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе тақдим гардид.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДАСТОВАРДИ ТАЪРИХӢ

Кафили пешрафт

Ваҳдати миллӣ яке аз бузургтарин арзишҳои давлатӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати он мардуми тоҷик тавонистанд кишварро аз мушкилоти солҳои аввали истиқлол раҳо кунанд ва заминаи мусоидро барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гузоранд. Ваҳдат таҷассуми ҳамдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардум мебошад. Танҳо тавассути ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ мо метавонем истиқлоли кишварро ҳифз намоем.

Ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, эҳтироми мутақобила, таҳаммулпазирӣ, ҳамкорӣ ва садоқат ба манфиатҳои умумии давлатро дар бар мегирад. Вақте ки шаҳрвандон новобаста аз миллат, забон, дин ё эътиқоди сиёсӣ барои шукуфоии Ватан талош мекунанд, ҷомеа ба пешрафт ноил мегардад.

Дар солҳои аввали истиқлол кишвар бо буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд. Ихтилофоти сиёсӣ ва рақобат байни гурӯҳҳои гуногун боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ зиёда аз панҷ сол идома ёфта, рушди Тоҷикистони тозаистиқлоли моро даҳсолаҳо боздошт ва ба иқтисодиёти кишвар зарари ниҳоят калон расонид. Куштorҳои оммавӣ, ғоратгарӣ ва низоъҳои шадиди дохилӣ садҳо ҳазор сокинро маҷбур карданд, ки ҳам дар дохил ва ҳам берун аз марзҳо муҳоҷират кунанд.

Дар чунин шароити душвор Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанд (16 ноябри соли 1992) аҳаммияти тақдирсоз пайдо кард. Дар иҷлосия муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб шуданд ва барномаи асосии сиёсии худро ба барқарор кардани сулҳ, таъмини суботи сиёсӣ ва муттаҳид кардани ҷомеа равона карданд.

Раванди сулҳи тоҷикон рӯйдоди ниҳоят мураккаб ва душвор, вале муҳимми сиёсӣ буд, ки сарнавишти миллати тоҷикро муайян кард, заминаи иттиҳод ва якпорчагии онро гузошт ва киштии давлатдории тоҷиконро аз ғарқшавӣ наҷот дод.

27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имзо шуд. Ин созишнома заминаи барқарорсозии сулҳ ва Ваҳдати миллиро фароҳам овард.

Дар тӯли 35 соли истиқлол тавассути пойдор будани Ваҳдати миллӣ, таҳти роҳбарии хирадмандона, сулҳҷӯёна ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муваффақиятҳои бузург ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар пешбурди сиёсати хориҷӣ ба даст оварда шуданд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои гуногуни ҷаҳони муосир ҳифзи ваҳдату ягонагии миллӣ вазифаи ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.

Амонш ПАЛАВОНОВ,
муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми педагогӣ

Дар Тоҷикистон «Маҷмааи бостонии Бибихонум» таъсис дода мешавад.

НЕЪМАТИ БЕБАҲО

Сулҳу субот, оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ барои ҳар як давлату миллат неъмати бебаҳо буда, танҳо дар ҳамин замина метавон рушди устувор ва зиндагии шоистаи мардумро таъмин намуд.

Эмомалӣ РАҲМОН

Омили таъмини амният дар ҷаҳон

Дар ҷаҳони пуртазоди муосир, ки инсоният ҳар рӯз бо таҳдидҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва амниятӣ рӯ ба рӯ мегардад, таҳкими сулҳ ва таъмини амнияти байналмилалӣ ба яке аз муҳимтарин масъалаҳои рӯз табдил ёфтааст. Ҷангҳои минтақавӣ, бархӯрдҳои геополитикӣ, зуҳуроти терроризм ва ифротгароӣ, муҳоҷирати иҷборӣ, бухронҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим ҷомеаи ҷаҳониро водор месозанд, ки барои ҳифзи сулҳ ва суботи байналмилалӣ тадбирҳои муассиру фарогир андешад.

Дар чунин шароит қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036», ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ҳамчун рӯйдоди муҳимми сиёсӣ ва дипломатии сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад. Ин қатънома танҳо як санади байналмилалӣ нест, балки инъикосгари ҷаҳонбинии нав, фарҳанги сулҳофарӣ ва сиёсати башардӯстонаест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ пайгирона амалӣ менамояд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва ташаббускори масъалаҳои глобалӣ имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи шоистаро соҳиб гардидааст. Агар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои давлату миллат солҳои душвори барқарорсозии давлатдорӣ ва ҳифзи ягонагии миллӣ буданд, имрӯз Тоҷикистон ба яке аз марказҳои муҳимми ташаббусҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар ин раванд нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир ва сарнавиштсоз мебошад.

Таърихи навини Тоҷикистон бо номи Пешвои миллат ва сиёсати сулҳофаронаи эшон пайванди ногусастанӣ дорад. Замоне ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ кишварро фаро гирифта буд ва хатари аз байн рафтани давлатдории миллӣ вуҷуд дошт, маҳз иродаи қавӣ, хирадӣ сиёсӣ ва муҳаббати самимӣ ба миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро водор сохт, ки барои наҷоти давлат ва мардум тамоми масъулиятро ба дӯш гиранд.

Дар он рӯзҳои сарнавиштсоз суханони таърихии Пешвои миллат: «Ман ба шумо сулҳ меорам» ҳамчун рамзи умед ва наҷоти миллат садо доданд. Ин суханон на танҳо ваъдаи як роҳбари сиёсӣ, балки рисолати таърихии шахси иродатманду ватандӯсте буданд, ки тақдири миллатро аз манфиатҳои шахсӣ болотар гузошт.

Бо талошҳои пайваста ва музокироти тӯлонӣ дар ниҳоят Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Ин ҳодисаи таърихӣ барои Тоҷикистон оғози марҳалаи нави давлатсозӣ гардид. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақи ҳалли мусолиматомези низоъҳо эътироф мешавад.

Маҳз ҳамин таҷрибаи нодир Тоҷикистонро ба кишвари ташаббускор дар масъалаҳои сулҳу амният табдил дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ пайваста зарурати таҳкими фарҳанги сулҳ, муколамаи тамаддунҳо ва эҳтироми арзишҳои умумибашариро таъкид менамояд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон масъалаи сулҳ мақоми меҳварӣ дорад. Пешвои миллат дар суханониҳои худ таъкид намуданд, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест. Сулҳ фарҳанг, тафаккур, таҳаммулгароӣ ва масъулияти муштарак дар назди башарият мебошад. Маҳз ҳамин дидгоҳи амиқи сиёсӣ асоси ташаббуси нави Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид гардид.

Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» аҳаммияти махсус дорад, зеро он на танҳо ба масъалаҳои амният, балки ба ояндаи инсоният нигаронида шудааст. Бори аввал масъалаи сулҳ ба таври мустақим бо манфиатҳои наслҳои оянда пайванд дода мешавад. Ин нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд аз имрӯз барои таъмини зиндагии осоиштаи фардо масъулият эҳсос намояд.

Моҳияти асосии қатънома дар он ифода меёбад, ки фарҳанги сулҳ бояд дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа густариш ёбад. Аз оила то мактаб, аз муассисаҳои таълимӣ то сохторҳои давлатӣ ва аз ҷомеаи шаҳрвандӣ то муносибатҳои байналмилалӣ бояд ғояҳои сулҳ, таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ тарғиб карда шаванд.

Имрӯз ҷаҳон ба фарҳанги сулҳ бештар аз ҳар вақти дигар ниёз дорад. Низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногуни олам, афзоиши зуҳуроти ифротгароӣ ва хатарҳои нав нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам сулҳ ҳамчун арзиши умумибашарӣ ба ҳифз ва тақвият ниёз дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, ташаббуси Тоҷикистон ҷавоби муносиб ба ниёзҳои замони муосир мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ин ташаббусро дастгирӣ намуд. Қабули қатънома аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид шаҳодати эътимод ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва эътирофи саҳми Пешвои миллат дар таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ мебошад.

Дар баробари ин, қатъномаи мазкур аҳаммияти бузурги сиёсӣ дорад. Он бори дигар нишон дод, ки Тоҷикистон имрӯз аз доираи масъалаҳои миллӣ берун баромада, дар ҳаллу фасли мушкилоти глобалӣ нақши фаъол мебозад. Ин нишондиҳандаи болоравии нуфуз ва мақоми байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо ташаббусҳои ҷаҳонии худ вобаста ба масъалаҳои об, ҳифзи пиряхҳо, рушди устувор ва муҳити зист дар арсаи байналмилалӣ мавқеи устувор касб намуд. Ҳар яке аз ин ташаббусҳо ба манфиати тамоми инсоният нигаронида шуда буданд. Қатъномаи нави марбут ба сулҳ низ идомаи мантиқии ҳамин сиёсати созанда мебошад.

Нақши Пешвои миллат дар муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва сулҳпарвар хеле бузург аст. Имрӯз дар бисёр минбарҳои байналмилалӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори дурандеш, ташаббускори масъалаҳои глобалӣ ва ҳомии арзишҳои умумибашарӣ шинохта мешаванд.

Ин нуфуз натиҷаи сиёсати пайгирона, мутавозин ва созандаи давлат мебошад. Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳалли масъалаҳо тавассути муколама, ҳамкорӣ ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн мебошад. Маҳз ҳамин сиёсат имкон дод, ки кишвар дар арсаи байналмилалӣ обрӯи баланд пайдо намояд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми қатъномаи мазкур масъалаи ҷавонон ва наслҳои оянда мебошад. Имрӯз дар ҷаҳон беш аз пеш зарурати тарбияи ҷавонон дар руҳияи сулҳпарварӣ эҳсос мегардад. Ҷавонон бояд донанд, ки сулҳ ба осонӣ ба даст намеояд ва ҳифзи он заҳмат, масъулият ва худшиносии баландро талаб мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Сохтмони муассисаҳои таълимӣ, рушди илм, дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо нишонаи таваҷҷуҳи давлат ба ояндаи миллат мебошад.

Насли ҷавон бояд дарк намояд, ки сулҳу ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. Агар имрӯз Тоҷикистон дар фазои орому осуда рушд мекунад, ин пеш аз ҳама, натиҷаи сиёсати сулҳофаронаи Пешвои миллат ва заҳматҳои тамоми мардуми кишвар аст.

Фарҳанги сулҳ бояд ба як қисми чудонашавандаи зиндагии ҳар як шаҳрванд табдил ёбад. Ҳар як инсон бояд дар таҳкими субот, ҳифзи ваҳдат ва пешгирии ҳар гуна зуҳуроти ифротӣ саҳмгузор бошад. Танҳо дар ҳамин сурат метавон ҷомеаи устувор ва давлати пешрафта бунёд намуд.

Қатъномаи таърихии Созмони Милали Муттаҳид на танҳо пирӯзии дипломатияи тоҷик, балки пирӯзии ғояҳои инсондӯстона ва арзишҳои умумибашарӣ мебошад. Ин санад нишон медиҳад, ки Тоҷикистон имрӯз ба яке аз парчамбардорони асосии фарҳанги сулҳ дар ҷаҳон табдил ёфтааст.

Қабули Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» бори дигар собит сохт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори сулҳи тоҷикон ва ташаббускори фарҳанги сулҳи ҷаҳонӣ дар таҳкими амнияти байналмилалӣ саҳми арзишманд доранд.

Бешубҳа, ин ташаббуси муҳим дар саҳифаҳои таърихи навини Тоҷикистон ҳамчун рамзи нуфузи байналмилалии давлат, таҷассумгари сиёсати созанда ва далели саҳми миллати тоҷик дар бунёди ҷаҳони орому осуда барои наслҳои имрӯз ва фардо бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад гардид.

Шодӣ САФАРОВ,
президенти АТТ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

Таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда

Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ масъалаи таҳкими сулҳ ва таъмини амнияти ҷаҳонӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Тағйироти босуръати низоми ҷаҳонӣ, афзоиши низоъҳои мусаллаҳона, терроризм, ифротгароӣ, муҳоҷирати иҷборӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва таҳдидҳои экологӣ собит месозанд, ки сулҳ асоси муҳимтарини рушди устувори ҷомеаи башарӣ мебошад. Дар чунин шароит Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ниҳоди асосии байналмилалӣ барои ҳифзи сулҳу амнияти ҷаҳон нақши калидӣ дошта, тавассути қабули қатъномаҳо ва татбиқи барномаҳои гуногун ба густариши ҳамкории байни давлатҳо мусоидат менамояд.

Дар ин раванд нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи таърихии Тоҷикистон дар барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ баъд аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 нишон дод, ки танҳо тавассути муколама, созиш ва ҳамдигарфаҳмӣ метавон суботи сиёсӣ ва рушди устуворро таъмин кард. Маҳз таҳти роҳбарии хирадмандонаи Сарвари давлат кишвар тавонист аз буҳрони шадиди сиёсӣ ва иҷтимоӣ раҳо ёбад ва ба марҳалаи нави рушди давлатдорӣ ворид гардад.

Маҳз ҳамин таҷрибаи нодир боис гардид, ки Тоҷикистон имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун давлати сулҳпарвар ва ташаббускор эътироф шавад.



Яке аз муҳимтарин дастовардҳои дипломатияи муосири Тоҷикистон қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» мебошад, ки 25-уми июни соли 2026 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Қабули ин санади муҳим нишонаи эътирофи нақши Тоҷикистон дар пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ ва далели эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сиёсати сулҳпарваронаи кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Моҳияти асосии қатъномаи мазкур ба ташаккули фарҳанги сулҳ, пешгирии низоъҳо, рушди муколама байни давлатҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо ва мусоидат ба татбиқи ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид равона гардидааст. Инчунин, ба баланд бардоштани нақши маориф, илм ва фарҳанг дар ташаккули ҷомеаи сулҳпарвар аҳаммияти махсус медиҳад. Таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки таҳкими фарҳанги таҳаммулпазирӣ, эҳтироми гуногунандешӣ ва тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи масъулияти иҷтимоӣ яке аз роҳҳои муассири пешгирии ихтилофҳо мебошад.

Аз ин рӯ, барои татбиқи самараноки ҳадафҳои «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» на танҳо нақши давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, балки фаъолияти муассисаҳои соҳаи маориф низ аҳаммияти махсус дорад.

Дар ин самт, дар раванди таҳияи китобҳои дарсии насли нав зарур аст, ки мазмуни онҳо на танҳо ба донишҳои фаннӣ маҳдуд гардад, балки ҷанбаҳои тарбиявӣ низ тақвият дода шаванд. Дар китобҳои дарсӣ бояд мисолҳо ва маводе ворид карда шаванд, ки фарҳанги сулҳ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳамзистии осоишта байни миллатҳо ва арзишҳои умумибашариро тарғиб намоянд. Инчунин, таваҷҷуҳ ба инъикоси таҷрибаи сулҳофарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи муваффақи ҳалли низоъҳо тавассути гуфтушунид ва созиш муҳим мебошад.

Муаллифони китобҳои дарсӣ ва кормандони нашриёт дар раванди таҳия ва таҳрири китобҳои дарсӣ бояд ба он диққат диҳанд, ки матнҳои таълимӣ бо забони сода, фаҳмо ва дорои мазмуни тарбиявӣ ва арзишҳои сулҳпарварона бошанд. Истифодаи маводи визуалӣ, мисолҳои ҳаётӣ ва саволу супоришҳои таҳлилӣ метавонад ба баланд шудани сатҳи дарки хонандагон мусоидат намояд.

Бо дарназардошти таҳаввулоти муосири ҷаҳонӣ метавон гуфт, ки қабули ин қатънома яке аз рӯйдодҳои муҳимми дипломатияи байналмилалӣ ва дастоварди назаррасӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Амалӣ гардидани ҳадафҳои он барои таҳкими сулҳу суботи ҷаҳонӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳаммияти бузург дорад.

Комилшо ИСОЗОДА,
директори Муассисаи нашриявии «Маориф»

Дар нимсолаи якуми соли равон Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қатар, Ӯзбекистон, Беларус ва Қирғизистон доир гардид.

Ҳар кӣ гӯяд айби ту андар ҳузур,
Менамояд роҳат аз зулмат ба нур.
Фаридуддини Аттор

ДАР ҲОШИЯИ ТАШАББУСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

СУЛҲУ СУБОТ – САРЧАШМАИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНУ БОСАОДАТИ ИНСОНИЯТ

(Дар ҳошияи қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»)

Мусаллам аст, ки ҷаҳони муосир ба буҳронҳову мушкилоти зиёди глобалӣ рӯ ба рӯ гардидааст ва ин ҳолат ба сатҳи зиндагӣ ва фаъолияти тамоми аҳолии сайёра таъсири ҷиддӣ расонида, тадриҷан ба оянда и инсоният ва муҳити зист хатари бештар эҷод менамояд. Агар пеши роҳи чунин таҳдидҳо сари вақт гирифта нашавад, метавонанд оқибатҳои ҷуброннопазир ба бор оварда, ба наслҳои оянда низ таъсири манфӣ расонанд. Аз ҷумла, густариши терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, муҳоҷирати иҷборӣ, тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, таҳдидҳои нави киберӣ ва дигар масъалаҳои фаромиллӣ нишон медиҳанд, ки ҷаҳон рӯз аз рӯз ба мушкилоти нав рӯ ба рӯ мегардад. Имрӯз ҳеҷ давлат наметавонад худро аз чунин таҳдидҳо комилан эмин шуморад, зеро ҳар мушкиле, ки дар як минтақаи ҷаҳон ба вуҷуд меояд, дер ё зуд ба дигар кишварҳо низ таъсири худро мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи фаъолтарин кишварҳо аст, ки ба масъалаҳои муҳимми башарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва пайваста ташаббусҳои созанда пешниҳод мекунад. Имрӯз Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ҷумҳурии ташаббускор эътироф гардидааст ва дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар меҳвари ин ташаббусҳо фаъолияти таърихии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Бо рушди технология ва суръатафзоии ҷараёни ҷаҳонишавӣ, шаклҳои нави таҳдидҳо низ ба миён омадаанд. Аз ин рӯ, мубориза бо онҳо ҳамкории густардаи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро тақозо менамояд. Дар баробари ин, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, ҳифзи пиряхҳо ва мубориза бо тағйирёбии иқлим дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамаҷониба дастгирӣ гардидаанд. Қабули қатъномаҳои зиёди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об бо ташаббуси Тоҷикистон бори дигар бозгӯйи он аст, ки истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ метавонад ба инсоният хатари ҷиддӣ эҷод намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола миллионҳо нафар аз норасоии оби ошомиданӣ ранҷ мебаранд ва ҳазорон нафар бар асари бемориҳои вобаста ба камбуди оби тоза ҷони худро аз даст медиҳанд. Ҳамзамон, гармшавии иқлим ва обшавии босуръати пиряхҳо дар оянда метавонад мушкилоти норасоии обро боз ҳам бештар карда, барои амнияти озуқаворӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо таҳдид эҷод намояд.

Афзоиши офатҳои табиӣ низ аксаран натиҷаи муносибати нодурусти инсон ба табиат мебошад. Агар инсоният ба ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир накунад, наслҳои оянда бо мушкилоти боз ҳам сангинтар рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Дар ин замина, дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе чандин конференсияву ҳамоишҳои сатҳи баланд баргузор гардиданд, ки дар онҳо масъалаҳои об, иқлим ва ҳифзи пиряхҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ин ҳамоишҳо бори дигар нишон доданд, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ мавқеи фаъол дошта, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳамкории созанда даъват менамояд.

Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба масъалаҳои марбут ба об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо маҳдуд намешаванд. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳалаи нави пуртазод ворид гардидааст, ки дар он ҷангҳо, низоъҳои мусаллаҳона ва нооромиҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон густариш ёфта, амният ва суботи байналмилалиро ба таҳдиди ҷиддӣ мувоҷеҳ сохтааст. Дар ҳоле ки илму техника ва технологияҳои муосир бояд барои беҳбудии зиндагии инсон, рушди давлатҳо ва таъмини некуаҳволии ҷомеа хидмат намоянд, мутаассифона, дар бисёр маврид ба василаи ҷанг ва харобкорӣ табдил ёфтаанд. Истифодаи силоҳҳои такмилёфта, рушди технологияҳои ҳарбӣ ва хатари истифодаи силоҳи ҳастаӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро нигарон кардаанд. Ҳамзамон, қурбонии ҳазорон кӯдаки бегуноҳ, занону пиронсолон ва аҳолии осоишта дар минтақаҳои ҷангзада нишон медиҳад, ки арзиши ҳаёти инсон дар баъзе ҳолатҳо нодида гирифта мешавад. Бо вуҷуди он ки баъд аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ созмонҳои зиёди байналмилалӣ бо мақсади ҳифзи сулҳ ва пешгирии низоъҳо таъсис дода шуданд, воқеияти солҳои охир бозгӯи он аст, ки фаъолияти онҳо на ҳамеша барои пешгирии ҷангҳо натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Баръакс, шумораи низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон зиёд гардидааст, ки аз ин ҳолат ҳамарӯза тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳ мешавем.

Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд барои пешгирии ҷангҳо ва таҳкими сулҳи пойдор барномаҳои муассири байналмилалиро роҳандозӣ намояд. Таҷрибаи таърихӣ собит кардааст, ки ҳеҷ як ҷанг роҳи ҳалли мушкилот нест. Баръакс, он танҳо боиси талафоти ҷонӣ, харобшавии иқтисодиёт, афзоиши муҳоҷират, фақр ва бесуботии иҷтимоӣ мегардад, тавассути муколама, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми мутақобил ва ҳамкории созанда метавон ба сулҳи устувор ноил гардид.

Ин масъала ҳамеша дар меҳвари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Сардори давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ ҷомеаи ҷаҳонро ба таҳкими сулҳ, ҳамзистии осоишта ва ҳалли ихтилофҳо бо роҳи гуфтушунид даъват менамоянд. Ба ин мазмун, Пешвои миллат бори аввал зимни суханронӣ дар иҷлоси 79-уми Маҷмааи умумии СММ (24.09.2024) пешниҳод намуданд, ки қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» ҷиҳати ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра қабул карда шавад. Ин масъаларо зимни суханронӣ дар иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (24.09.2025) бори дигар муҳим шуморида, масъалаи қабули чунин қатъномаро амри зарурӣ маънидод карданд. Ҳамин тариқ, бо талошу пайкори Сарвари давлати мо, 25 июни соли равон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи махсусро зери унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул намуд.



Шоистаи таъкид аст, ки чунин мавқеи Тоҷикистон бар таҷрибаи талхи таърихи навини кишвар (даҳсолаи охири садаи XX) иртиботманд аст. Дар оғози соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки он ба иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии кишвар зарари бузурги моддию маънавӣ расонд, ки таъсири он то имрӯз дар ҳаёти ҷомеа эҳсос мешавад. Ин таҷриба собит менамояд, ки оқибатҳои ҷанг солҳои тӯлонӣ боқӣ монда, ба наслҳои оянда низ таъсири худро мерасонанд. Таҷрибаи сулҳофаринии Тоҷикистон ва раванди сулҳи тоҷикон метавонад барои бисёр кишварҳое, ки имрӯз бо низоъҳои дохилӣ ва байналмилалӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, намунаи омӯзиш ва таҷрибаи муваффақ бошад. Маҳз бо ҳамин ҳадаф, Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд, ки дар арсаи байналмилалӣ низ фарҳанги сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории созанда бояд густариш ёбад.

Маълум аст, ки инсоният дар ин замини пуртазод ҳазорсолаҳо боз зиндагӣ дорад. Дар тӯли таърих наслҳои зиёде омадаву рафтаанд ва ҳар яке барои наслҳои баъдӣ мероси арзишманди моддию маънавӣ ба ҷо гузоштаанд. Имрӯз низ ин рисолати бузург бар дӯши насли муосир қарор дорад, ки Ватани ободу пешрафта, ҷомеаи мутамаддин ва ҷаҳони орому осударо барои оянда гон ба мерос гузорад. Ин масъулияти таърихӣ аз ҳар як инсон тақозо менамояд, ки дар фаъолияти худ манфиати ҷомеа ва наслҳои ояндаро дар мадди назар қарор дода, барои рушди устувор, сулҳу субот ва ҳифзи арзишҳои башардӯстона саҳм гузорад.

Маҳз ҳамин ояндабинӣ, дурандешӣ ва масъулиятшиносӣ Пешвои миллатро ба шахсияти барҷастаи сиёсӣ табдил додааст. Фарқияти асосии Сарвари давлати мо аз бисёр сиёсатмадорони дигар дар он аст, ки ҳар иқдом ва ташаббуси худро бо дарназардошти манфиатҳои дарозмуддати давлат, миллат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ менамоянд.

Мо ин сиёсати хирадмандонаро, пеш аз ҳама, дар самти барқарор намудани сулҳу вахдати миллӣ ва хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон эҳсос намудем. Сарвари давлат бо иродаи қавӣ, ҷасорати сиёсӣ, фарҳанги бахшиш, муколама ва ҳамдигарфаҳмӣ роҳи ҳалли низои дохилиро пайдо карданд ва Тоҷикистонро аз вартаи нобудӣ наҷот доданд. Имрӯз Ватани азизи мо ба шарофати сулҳу субот ва сиёсати созандаи давлат ба марҳалаи рушди устувор ворид гардидааст. Мардуми кишвар бо меҳнати содиқона ва ҳисси баланди ватандӯстӣ дар ободии Ватан саҳми арзанда мегузоранд ва сатҳи зиндагии аҳолӣ сол то сол беҳтар мегардад. Ҳамаи ин дастовардҳо самараи сулҳу субот, вахдати миллӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат мебошанд.

Сарвари давлат чун худ таҷрибаи талхи ҷанг ва низоъро аз сар гузаронидаанд, оқибатҳои фоҷиабори онро хуб дарк мекунанд. Аз ин рӯ, пайваста ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳкими сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳалли баҳсҳо тавассути муколама даъват менамоянд.

Мутаассифона, имрӯз ҷаҳон дар шароити бисёр ҳассос қарор дорад. Густариши ҷангҳо ва низоъҳои мусаллаҳона миллионҳо нафарро аз хонаю амвол маҳрум сохта, шаҳрҳо ва кишварҳои ободу пешрафтаро ба харобазор табдил додааст. Агар ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пешгирии чунин равандҳо тадбирҳои муассир наандешад, ин ҳолат метавонад ба амният ва рушди устувори инсоният хатари ҷиддӣ эҷод намояд. Аз ин рӯ, ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» иқдоми саривақтӣ ва муҳим дар роҳи ҳалли мушкилоти ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии ин ташаббус таҳкими фарҳанги сулҳ, рушди муколама, мусолиҳа ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни давлатҳо ва ҷомеаҳо мебошад. Ин санади муҳим ҷомеаи ҷаҳониро водор месозад, ки сулҳро ҳамчун арзиши олии башарӣ ва заминаи асосии рушди устувор ҳифз намояд.

Бояд қайд кард, ки бартарафсозии мушкилоти ҷаҳонии имрӯз танҳо тавассути муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории созандаи давлатҳо имконпазир мебошад. Таъмини сулҳи пойдор раванди мураккаб ва дарозмуддат аст, ки иштироки фаъолонаи тамоми давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо менамояд. Маҳз бо ҳамин мақсад дар қатъномаи пешниҳоднамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии таҳкими сулҳ, рушди фарҳан-

→

ги муколама ва пешгирии низоъҳо муайян гардидаанд. Ин санад метавонад ҳамчун дастури амал барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан, Созмони Милали Муттаҳид дар самти таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ хидмат намояд. Татбиқи муқаррароти он имкон фароҳам меорад, ки фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ боз ҳам самаранок гардида, фарҳанги муколама, таҳаммулгароӣ ва роҳҳои осоиштаи ҳалли баҳсҳо дар ҷаҳон густариш пайдо намояд.

Қабули қатъномаи мазкур аз дастовардҳои муҳимми дипломатияи муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Ба муносибати қабули ин қатънома ва таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ Пешвои миллат дар паёми табрикии худ аҳаммияти таърихии ин ташаббусро чунин арзёбӣ намуданд: «Қатънома зарурати таҳкими фарҳанги сулҳ, пешгирӣ кардани низоъҳо, тақвияти таҳаммулгароӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва густариши гуфтугӯи тамаддунҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун заминаи зиндагии шоистаи наслҳои оянда таъкид менамояд».

Ин иқдом, пеш аз ҳама, ба ҳифзи манфиатҳои наслҳои оянда нигаронида шудааст, зеро таъмини сулху субот ва амнияти ҷаҳонӣ бе тарбияи дурусти насли наврас, боло бурдани сатҳи маърифати ҷомеа ва ташаккули фарҳанги сулҳ имконнопазир аст. Бинобар ин, масъалаи таълиму тарбия ҳамчун омили калидии пешгирии низоъҳо ва таҳкими сулҳи пойдор аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ба ин маънӣ, Пешвои миллат таъкид карданд: «Вобаста ба ин, мо бояд дар навбати аввал ба наврасону ҷавонон, ки созандагони ҷаҳони фардо мебошанд, омӯзонем, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест. Сулҳ фарҳанг аст. Сулҳ масъулият аст. Сулҳ эҳтиром ба шаъну шарафи инсон аст. Сулҳ таъмин намудани адолат ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи инсоният аст. Аз ин лиҳоз, сарнавишти наслҳои оянда ба тасмимҳое, ки мо имрӯз мегирем, вобаста мебошад».

Ин андешаҳо нишон медиҳанд, ки таҳкими фарҳанги сулҳ бояд аз оила, муассисаҳои таълимӣ ва тамоми ҷомеа оғоз гардад. Маҳз тавассути баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ ва тарбияи насли соҳибилму ватандӯст метавон заминаи сулҳи устуворро барои оянда таъмин намуд.

Дар идомаи ин ташаббус Пешвои миллат таъкид намуданд, ки соли 2027 дар доираи таҷлили 30-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Душанбе баргузории конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар назар аст. Ин ҳамоиши муҳим метавонад мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускор, сулҳпарвар ва маркази муколамаи байналмилалӣ боз ҳам таҳким бахшада, барои мубодилаи таҷриба, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳияи роҳҳои нави ҳалли низоъҳои ҷаҳонӣ мусоидат намонд.

Пешвои миллат тамоми қишрҳои ҷомеа, бахусус, аҳли маорифро вазифадор намуданд, ки ба таълиму тарбияи насли созандаи даврон бо масъулияти бештару ҷиддитар машғул шаванд: «Мо бояд ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва махсусан, наврасону ҷавонон, омӯзиши техникаву технологияҳои муосир, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, омода кардани кадрҳои сатҳи баланди касбӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ диҳем».

Дар ҳақиқат, ташаббусу талошҳои байналмилалии Пешвои миллат ба таъмини сулху субот пойдор, рушди устувори ҷомеа ва фароҳам овардани зиндагии шоиста барои наслҳои оянда равона гардидаанд, зеро дар фазои сулху оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ инсоният метавонад ба пешрафтҳои чашмгир ноил гардида, барои наслҳои оянда ҷаҳони амн, обод ва пурсаодатро ба мерос гузорад.

Насриддин ОХУНЗОДА,
номзади илми филология

ҲАМОВОЗӢ

Садаи XXI дар пешорӯи инсоният таҳаввулоти бесобиқаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологиро вогузор намуд, ки боис ба зуҳури тағйироти фаровон дар саросари ҷаҳон шуд. Ҳарчанд пешрафти илм ва технология имконоти васеи рушди ҷомеаро фароҳам овардааст, дар канори ин мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла, низоъҳои мусаллаҳона, терроризм, ифротгароӣ, муҳоҷирати маҷбурӣ, тағйирёбии иқлим, норасоии захираҳои табиӣ ва нобаробарии иқтисодӣ ба амният ва суботи ҷаҳонӣ таҳдид мекунанд. Дар чунин шароит масъалаи таҳкими сулҳ ҳамакнун рисолати умумии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Ташаббусе, ки сулҳро дар сайёра таҳким мебахшад

Натиҷаи маърифати дурусти ин шароити муосири ҷаҳонӣ омил бар он шуд, ки дар таърихи 23 сентябри соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Саммити оянда (2024) ва қабули «Паймони оянда» таъкид доштанд, ки Қатъномаи нави «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул карда шавад. Дар фосилаи наздик ба ду соли манзури ин пешниҳод кишварҳои узви СММ зарурат ва аҳамияти ин ташаббуси сулҳофари Пешвои миллатро ба шоистагӣ истиқбол намуда, барои мавриди амал қарор додани он раъйи худро доданд. Дар натиҷа, бегоҳии 25 июни соли 2026 Маҷмаи Умумии СММ бо истиқбол аз ин пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъномаи махсусро таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул намуд. Басо рамзист, ки ин ҳуҷҷати муҳимми дорои аҳаммияти байналмилалӣ дар таърихе қабул гардид, ки дар Тоҷикистони мо 29 сол қабл Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расида буд. Агар ҳуҷҷати аввал барои таъмини сулҳ дар Тоҷикистон нақши муассир гузошта бошад, ҳамакнун қатъномаи мазкур роҳи сулҳу субот ва амнияту осоишро дар сайёра ҳамвор мекунад.

Мусаллам аст, ки сулҳ барои рушди устувор, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди иқтисодиёт ва пешрафти илму фарҳанг заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ташаббуси навбатии Пешвои миллат барои ҳифз ва таҳкими сулҳ ба яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати байналмилалӣ табдил ёфта, ҷиҳати таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ, муайян намудани нақши давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва илм дар ин раванд муассир хоҳад буд.

Мавриди амал қарор гирифтани ташаббуси навбатии ҷаҳонии Пешвои миллат, ки аз ибтидои соли 2027 шуруъ мешавад, аҳли ҷомеаро водор месозад, ки дар амри пайванди ин ғояи бузург дар амал талошу кӯшишҳои шоистаеро аз худ ба намоиш гузоранд. Аз ҷумла, тарғиби андешаҳои созандаи Пешвои миллат дар робита ба фарҳанги сулҳ, аҳаммияти ҳамгироӣ дар ҷаҳони муосир, инчунин, ғояҳои сулҳпарваронаи ниёгони шарафманди мо яке аз вазифаҳои муҳимми аҳли илму маориф мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафи наҷиб зарур аст, ки силсилаи пажуҳишҳо дар самти қадима будани андешаи сулҳхоҳӣ ва сулҳпарварӣ миёни тоҷикон анҷом дода, натиҷаҳои онро дар миёни мардумони олам тавассути тарҷума бо забонҳои мухталифи ҷаҳонӣ нашру тарғиб намоянд.

Аз ҷониби Пешвои миллат мазур шудани ин ташаббуси ҷаҳонӣ бори дигар дар миёни анҷумани кишварҳои олам собит сохт, ки тоҷикон аз дергоҳи таърих ғояву андешаи сулҳпарвариро миёни бани башар тарғиб намуда, чун мардуми сулҳоҳу ваҳдатшиор маъруфият ёфтаанд. Дар мақолаву суханрониҳои Пешвои миллат тарғиб шудани ғояҳои сулҳпарварӣ аз ҷониби Куруши Кабир, Девештичу Спитамен, афкори ваҳдатсози Рӯдакиву Фирдавсӣ ва Мавлонои Балхӣ худ гувоҳи он аст, ки таҷрибаҳои нодир ва афкори бузурги ниёгони шарафманди мо дар татбиқи ин қатъномаи бузург нақши муҳими сарчашмавӣ гузоштаанд. Дар оянда низ ин андешаҳо чун меҳвари муҳимми татбиқи ҳадафҳои қатънома қарор гирифта, барои то ба мардуми олам расидани моҳият ва муҳтавои он нақши муассир мегузоранд.

Татбиқи нуктаҳои меҳварии қатънома сабаб бар он мегардад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пешгирии низоъҳо ва таҳкими амнияти байналмилалӣ ташаббусҳои зиёдеро роҳандозӣ намояд. Ин тадбирҳо барои коҳиши шиддати низоъҳо ва баланд бардоштани эътимоди байни давлатҳо мусоидат мекунанд. Таҳлилҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки камбизоатӣ, бекорӣ ва нобаробарӣ низ аз ҷумлаи сабабҳои муҳимми сар задани низоъҳо мебошанд. Дар сурати боло рафтани сатҳи зиндагӣ, сатҳи ҷинояткорӣ паст шуда, имконоти таҳсил бештар гарданд. Дар канори ин, муҳоҷират коҳиш ёфта, суботи сиёсӣ тақвият меёбад. Ин нукта шаҳодати он хоҳад буд, ки рушди иқтисодӣ ва сулҳ бо ҳамдигар робитаи зич доранд ва бояд тамоми кишварҳо дар амри расидан ба ин ҳадафи бузург дар ҳошияи муҳтавои Қатънома устуворона саҳм бигиранд.

Дар асоси қатънома маълум мегардад, ки илм яке аз воситаҳои муҳимтарини фарҳанги сулҳофарӣ эътироф шудааст. Таҳқиқоти илмӣ барои пешгирии муноқишаҳо, таҳияи механизмҳои дипломатӣ ва омӯзиши омилҳои низоъ мусоидат мекунанд. Бар ин асос, дар назди муассисаҳои таълимӣ дар замони ба амал пайвастани меҳварҳои қатънома вазифаҳои муҳимме қарор мегирад. Пеш аз ҳама, низоми илму маориф бояд ба самти тарғиби фарҳанги сулҳ, таълими таҳаммулпазӣ, боло бардоштани саводи ҳуқуқии хонандагону донишҷӯён, тақвияти қобилияти муколама ва ҳаллу фасли низоъҳо равона мегардад.

Ба ибораи дигар, мактабу донишгоҳ фазои ташаккули ҷаҳонбинӣ, фарҳанги таҳаммул, эҳтиром ба гуногунандешӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносии миллӣ мебошанд. Насле, ки дар руҳияи инсондӯстӣ, адолат, эҳтироми қонун, ҳамдигарфаҳмӣ ва арзишҳои сулҳ тарбия меёбад, дар оянда худ ҳомӣ ва ҳифзкунандаи сулҳ хоҳад шуд. Аз ҳамин ҷиҳат, татбиқи Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036», пеш аз ҳама, ба сифати низоми маориф, мазмуни барномаҳои таълимӣ, сатҳи омодагии омӯзгорон ва густариши пажуҳишҳои илмӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, вазифаи муассисаҳои таълимӣ парвариши инсоне мебошад, ки сулҳро ҳамчун арзиши олӣ дарк намуда, масъулияти ҳифзи онро дар сатҳи оила, ҷомеа, давлат ва муносибатҳои байналмилалӣ эҳсос кунад. Хушбахтона, муассисаҳои таълимии Тоҷикистон дар амри иҷрои ин вазифаҳои бузург ҳамеша пешсаф ва пешқадам ҳаст ва боқӣ мемонад. Ниҳодҳои илмии кишвар дар роҳи татбиқи қатъномаи мазкур вазифадор ҳастанд, ки тадбирҳои зеринро ҳамчун тамоюлҳои таҳқиқотии хеш муқаррар намуда, барои анҷоми пажуҳишҳое, ки самараи онҳо раванди амалишавии меҳварҳои онро суръат хоҳад бахшид, иқдом намояд.

Дар умум, қабули Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» бори дигар собит мекунад, ки сулҳ арзиши бунёдии ҷомеаи инсонӣ ва шарти асосии рушди устувор мебошад. Муҳтавои ин ҳуҷҷати муҳими байналмилалӣ муқаррар месозад, ки сулҳи пойдор танҳо дар натиҷаи ҳамгироии омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ ба даст меояд. Ҳамгироии тамоми ниҳодҳои байналмилалӣ, фаъолияти созмонҳои ҷаҳонӣ, рушди дипломатия, густариши маориф ва илму технология, инчунин, иштироки фаъоли ҷавонон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи қатънома метавонанд барои таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ заминаи устувор фароҳам оваранд.

Дар замони муосир ҳар як давлат ва ҳар як шаҳрванд дар ҳифзи сулҳ масъулият дорад. Танҳо тавассути ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ, ҳамкории созанда ва татбиқи ташаббусҳои илмӣ дар саросари ҷаҳон, ки ҳадафи аслии пешниҳоди Пешвои миллатро аз ин қатънома мушаххас мекунанд, метавон сулҳи пойдорро дар сайёра таъмин намуд. Таъмини ин сулҳи ҷовидонӣ симои Пешвои миллати моро ҳамчун сиёсатмадори сулҳофар ва меъмори сулҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад.

Қабули Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» боз як далели равшани он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз доираи иштирокчии равандҳои байналмилалӣ гузашта, ба яке аз ташаббускорони муҳимми ташаккули рӯзномаи ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Барои Тоҷикистон бошад, ин қатънома идомаи мантиқии таҷрибаи сулҳофаринии миллӣ ва далели эътирофи ҷаҳонии мактаби давлатдории сулҳпарваронаи Пешвои миллат аст. Бешак, татбиқи амалии ин ташаббуси бузург на танҳо ба таҳкими сулҳу субот дар саросари ҷаҳон мусоидат хоҳад кард, балки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешоҳанги фарҳанги сулҳ, муколама ва ҳамгироии байналмилалӣ боз ҳам бештар муаррифӣ намуда, номи Пешвои миллатро дар саҳифаҳои таърихи дипломатияи ҷаҳонӣ ҳамчун меъмори ташаббусҳои сулҳофар ва ҳомии манфиатҳои наслҳои оянда ҷовидона хоҳад сохт.

Обидҷон МАҲМУДЗОДА,
муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

Дар Тоҷикистон 15 телевизион ва 10 радиои давлатӣ, 16 телевизион ва 25 радиои хусусӣ фаъолият доранд.

Айб бошад, к-ӯ набинад ҷуз, ки айб,
Айб кай бошад равони поки ғайб?
Ҷалолиддини Балхӣ

ДАСТОВАРД

Маориф ҳамчун пояи устувори рушди давлату миллат ва омили асосии ташаккули сармояи инсонӣ ҳамеша бояд ҳамқадами таҳаввулоти ҷомеа бошад. Дар шароити рушди босуръати илм, технология ва фазои иттилоотӣ, дигар интиқоли одии дониш наметавонад ба ниёзҳои ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошад. Имрӯз вазифаи мактаб аз доираи омӯзонидани маълумот фаротар рафта, ба парвариши шахсияти соҳибандеша, эҷодкор, масъулияттошинос ва дорои салоҳиятҳои зарурии ҳаётӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, таҷдиди муҳтавои таълим ва такмили воситаҳои он ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии соҳаи маориф табдил ёфтааст.



Китоби дарсӣ ва такмили сифати таҳсилот

Дар чунин шароит, раванди нави рушди маориф ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки меҳвари ислоҳот дар мазмун ва муҳтаво маҳз таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад. Китоби дарсии муосир воситаи ташаккули тафаккури интиқодӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, худшиносии миллӣ ва салоҳиятҳои калидии хонанда ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, таҳия ва таълифи чунин китобҳо зарурати стратегӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, тарбияи насли донишманд ва таъмини рушди устувори кишвар ба шумор меравад.

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ТАТБИҚИ ДОНИШҲОИ АНДӮХТА

Дар доираи татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, таҷдиди мазмуну муҳтавои таҳсилот ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф табдил ёфтааст. Дар ин раванд Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он, махсусан, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ фаъолияти худро ба таҳияи низоми муосири таълиф, ташхис, озмоиш ва нашри китобҳои дарсӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва муносибати босалоҳият равона намудаанд. Дар натиҷа, таҳия ва бознигарии барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав, дастурҳои методӣ ва дигар маводи таълимӣ ба раванди пайвастаи илмӣ ва методӣ табдил ёфта, заминаи воқеиро барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон ва мутобиқсозии муҳтавои таълим ба талаботи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологии кишвар фароҳам овардааст.

Тафовути асосии китобҳои насли нав аз китобҳои анъанавӣ дар он аст, ки онҳо ба татбиқи воқеии муносибати босалоҳият дар таълим нигаронида шудаанд. Мо дигар наметавонем хонандаро бо ҳаҷми зиёди донишҳои назариявие, ки дар ҳаёти воқеӣ имкони татбиқи амалӣ надоранд, маҳдуд созем. Китобҳои дарсии насли нав дар баробари интиқоли дониш, ба ташаккули маҷмуи салоҳиятҳои калидӣ, аз ҷумла, тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо, малакаҳои иртиботӣ ва истифодаи дониш дар вазъиятҳои амалӣ равона гардидаанд. Ҳамзамон, сохтор ва муҳтавои ин китобҳо дар асоси стандартҳои муосири таҳсилот, хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия шуда, иштироки фаъоли хонандаро дар раванди омӯзиш таъмин менамоянд.

Хурсандибахш аст, ки ин раванд солҳои охир марҳала ба марҳала амалӣ шуда истодааст. Масалан, дар доираи лоиҳаҳои муштарак, бастаҳои адабиёти таълимӣ, ки китобҳои дарсии насли нав, дафтарҳои хонанда ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгоронро дар бар мегиранд, дар асоси стандартҳои муосири таҳсилот ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия шудаанд.

ЗАРУРАТИ БОЗНИГАРИИ КИТОБҲОИ ДАРСӢ

Мактабшиносӣ ва таҳлили барномаҳои таълимии кунунӣ нишон медиҳанд, ки китобҳои дарсии анъанавӣ эҳтиёҷ ба бознигарӣ ва таҷдиди назар доранд. Бо дарки амиқи ин масъала, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли гузашта дар суханронии худ дар Рӯзи дониш чунин таъкид карданд: «Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум соҳаи маориф таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад. Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дарачаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад».

Ин суханони Пешвои миллат ба тағйири парадигмаи таҳияи китобҳои дарсӣ аз модели донишмеҳвар ба модели салоҳиятмеҳвар ишора мекунанд. Аз дидгоҳи педагогӣ, китоби дарсии насли нав бояд тавассути супоришҳои проблемавӣ, вазъиятҳои таълимӣ, фаъолияти таҳқиқотӣ ва саволҳои таҳлилӣ малакаҳои тафаккури интиқодӣ, мустақилияти зеҳнӣ ва қобилияти татбиқи донишро дар хонанда ташаккул диҳад. Ҳамзамон, дар муҳтавои китобҳо зарур аст арзишҳои шаҳрвандӣ, ҳувияти миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ба таври ҳамгиро бо маводи таълимӣ ҷой дода шаванд, то раванди таълим аз ҳифзи қолабии иттилоот ба рушди салоҳиятҳои калидии шахсият равона гардад.

Барои баланд бардоштани сифати илмиву методӣ, дар назди Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон «Мактаби муаллифон» таъсис дода шудааст, ки ҳадафи он омӯзиш ва омодасозии таҳиякунандагони китобҳои дарсӣ мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонии таълим аст.

Ҳамчун корманди соҳаи маориф, тамоми олимон, муҳаққиқон, муаллифони китобҳои дарсӣ, методистон ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаро ба иштироки фаъолу масъулона дар раванди такмили китобҳои дарсӣ даъват менамоям. Имрӯз зарур аст, ки ҳар як китоби дарсӣ дар асоси меъёрҳои илмии таълиф, талаботи муносибати босалоҳият, хусусиятҳои синнусолӣ ва равоншиносии хонандагон таҳия гардад. Дар баробари ин, муҳтавои китоб бояд ба арзишҳои миллӣ, ҳадафҳои тарбияи шаҳрвандӣ, дастовардҳои илмҳои муосир ва талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот мутобиқ бошад. Танҳо дар ҳамин сурат китоби дарсӣ метавонад рисолати аслии худро ҳамчун воситаи асосии ташаккули дониш, салоҳият ва шахсияти хонанда ба таври комил иҷро намояд.

То имрӯз 23 номгӯй китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо теъдоди умумии 2 508 073 нусха таҳия ва нашр гардида, соли ҷорӣ нашри боз 12 номгӯй китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, забони русӣ ва математика барои синфҳои 5-6 бо теъдоди умумии 1 846 000 нусха ба нақша гирифта шудааст.

МУҲТАВОИ РАҚАМӢ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСӢ

Дар баробари таҷдиди муҳтавои китобҳои дарсӣ, рақамикунонии онҳо низ ба яке аз самтҳои муҳимми рушди низоми таълим табдил ёфтааст. Яке аз унсурҳои амалии ин раванд истифодаи QR-кодҳо дар китобҳои дарсӣ мебошад, ки имконияти ҳамгироии муҳтавои чопӣ бо захираҳои рақамии таълимиро фароҳам месозад. Тавассути QR-код хонанда метавонад ба маводи иловагӣ, аз қабили наворҳои таълимӣ, сабтҳои аудиоӣ, машқҳои интерактивӣ, луғатҳо, намунаҳои талаффуз ва дигар захираҳои электронӣ дастрасӣ пайдо намояд. Чунин ҳамгироӣ муҳити таълимро ғанӣ гардонида, имконоти омӯзиши мустақил, инфиродӣ ва фаъолонаи хонандаро тавсеа мебахшад. Аз ҷумла, дар китобҳои дарсии насли нав аз фанни забони русӣ барои хонандагони синфҳои 2-4, ки дар ҳаммуаллифии мутахассисони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия таҳия гардида, дар асоси Созишномаи байниҳукуматии ду кишвар аз ҷониби нашриёти «Просвещение»-и Россия ба нашр расидаанд, мавзуъҳои таълимӣ бо QR-кодҳо такмил шудаанд, ки барои рушди малакаҳои шунидан, талаффуз, муошират ва омӯзиши мустақили хонандагон имконоти нав фароҳам меоранд. Имсол ҷиҳати дастрасии умумӣ дар ҳама китобҳои дарсӣ QR-коде ҷой дода шуд, ки бо ворид шудан ба он шакли электронии китоби дарсӣ дастрас мешавад. Рақамикунонии китобҳои дарсӣ воситаи такмили сифати таълим мебошад. Аз нигоҳи педагогикаи муосир, истифодаи QR-кодҳо танҳо дар ҳоле самарабахш хоҳад буд, ки ба мақсадҳои таълим, хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва талаботи психологияи рушд такя намояд. Муҳтавои рақамӣ бояд идомаи мантиқии маводи китоб бошад, на ҷойгузини он. Ҳамзамон, ҳангоми тарҳрезии чунин захираҳо зарур аст, ки тавозуни байни фаъолияти анъанавии омӯзиш ва истифодаи технологияҳои рақамӣ нигоҳ дошта шавад, то аз зиёдшавии вақти рӯ ба экран, сарбории маърифатӣ ва халалдор шудани тавозуни равониву эҳсосии хонандагон пешгирӣ гардад. Маҳз бо риояи чунин принсипҳо рақамикунонии китобҳои дарсӣ метавонад ба баланд бардоштани сифати таҳсил ва ташаккули салоҳиятҳои рақамии насли нав мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, самаранокии ислоҳоти мазмуни таҳсилот ба сифати педагогӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба натиҷаҳои омӯзиши хонандагон вобаста аст. Аз ин рӯ, марҳалаи минбаъдаи рушди низоми китобҳои дарсӣ бояд ба такмили сиёсати давлатӣ дар самти таълиф ва арзёбии онҳо равона гардад. Аз ҷумла, зарур аст, меъёрҳои ягонаи таълифи китобҳои дарсӣ дар асоси муносибати босалоҳият ва таксономияи муосири ҳадафҳои таълимӣ такмил дода шуда, низоми бисёрмарҳалавии экспертизаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва лингвистии китобҳо тақвият ёбад. Ҳамзамон, озмоиши ҳатмии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мониторинги мунтазами натиҷаҳои истифодаи онҳо, инчунин, таҷдиди даврии муҳтаво бо дарназардошти дастовардҳои илмҳои педагогӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот бояд ба унсури ҷудонашавандаи сиёсати таҳияи китобҳои дарсӣ табдил дода шавад.

Умед ҲАСАНЗОДА,
директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Китобхона маркази асосии рушди инсон ба шумор рафта, пойдевори асосии зиндагии ояндаи кӯдак маҳз аз он сарчашма мегирад. Дар тамоми давру замон бе мутолиаи китоб фарҳанги давлату миллат пеш намеравад.

Фаъолияти китобхонаҳои мактабӣ дар мадди назар

Аз замонҳои қадим гузаштагони мо китобдор ва китобхон будаанд. Шахси китобхону китобдӯст доим муваффақу сарфароз ва соҳиби обрӯю эътибор мегардад.

Дар замони имрӯза барои баланд бардоштани савияи китобхониву китобдӯстдорӣ мебояд чунин корҳоро ба сомон расонид:

- китобхонаҳоро бо китобҳои тозанашр ва пурмазмун таъмин намуд;

- фаъолияти китобхонаҳоро ба таври муназзам ба роҳ бояд монд:

- аз ҳама муҳим, барои ин корҳоро ба сомон расонидан, дар муассисаҳои таълимӣ барои китобдор ва мудири китобхона шудан мутахассисони ихтисосманд, яъне, хатмкардаҳои ихтисосҳои китобдор ҷалб карда шавад;

- дар вақти бо китоби бадеӣ таъмин кардани хонандагон синну соли онҳо ба назар гирифта шавад;

- дар ҷо бачогузории китобҳои бадеӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад;

- китобдор бояд хушмуомила ва сухандону равоншинос бошад.

Хулоса, ҳамон вақт хонандагони муассиса ба омӯзиш шавқманд мешаванд, ки кори китобхонаҳо дуруст ба роҳ монда шавад.

Н. АХМЕДОВ,
муовини директор оид ба таълими МТМУ №49-и ноҳияи Айнӣ

БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

35 соли пур аз шараф, пирӯзӣ, дастовард ва ифтихор

Имсол мардуми сарбаланди тоҷик бо шукргузорӣ аз сулҳу субот ва пешрафту дастовардҳои бузург 35-солагии Истиқлол давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегиранд. Тоҷикистон дар 35 соли соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии фарзанди фарзонаву қаҳрамон ва ҷонфидо – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пирӯзиҳои дурахшон, дастовардҳои беназир ноил гардида, соҳиби обрӯю нуфуз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Боиси ифтихор аст: мамлакате, ки 35 сол пеш онро камтар мешиносттанд, имрӯз дар ҷаҳон ҳамчун давлати пешоҳангу фаъол дар соҳаи обу иқлим ва дигар ташаббусҳои созанда машҳур гаштааст.



Истиқлоли давлатӣ барои ҳар миллат бузургтарин неъмат ва олитарин арзиши сиёсӣ ба шумор меравад. Маҳз истиқлол аст, ки ба халқ имкон медиҳад роҳи рушди худро мустақилона муайян намояд, манфиатҳои миллиро ҳифз кунад, фарҳангу забон ва арзишҳои таърихии худро эҳё созад ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ гардад.

Барои халқи тоҷик истиқлол оғози марҳалаи нави давлатсозӣ, худшиносии миллӣ ва эҳёи арзишҳои таърихӣ гардид. Агар ба оғози солҳои навадум назар афканем, мебинем, ки Тоҷикистон дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба истиқлол расид. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, қатъ гардидани робитаҳои иқтисодӣ, коҳиши истеҳсолот, бухрони молиявӣ ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ кишварро дар вазъияти хеле вазнин қарор дода буд.

Дар чунин шароит, кам нафароне буданд, ки ба ояндаи дурахшони Тоҷикистон бовар мекарданд, аммо таърих собит намуд, ки иродаи мардум, сиёсати хирадмандона ва ваҳдати миллӣ метавонанд ҳатто душвортарин мушкилотро паси сар намоянд.

Имрӯз Тоҷикистон ба давлати соҳибихтиёр, амну ором, рӯ ба рушд ва дорои ҷойгоҳи муайян дар арсаи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Бузургтарин дастоварди Тоҷикистон дар солҳои истиқлол, барқарор намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошад. Ҳар дастоварде, ки имрӯз аз он ёд мекунем, маҳз дар фазои сулҳу оромӣ ба даст омадааст.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ давлате дар шароити ҷанг ва низоъ наметавонад ба рушди устувор ноил гардад. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки соли 1997 ба имзо расид, барои Тоҷикистон оғози давраи нави давлатсозӣ гардид. Ин ҳуҷҷати таърихӣ ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшид, заминаи устувори ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдат ва рушди минбаъдаи кишварро фароҳам оварад.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун намунаи муваффақи сулҳофаринӣ дар минтақа ва ҷаҳон эътироф шудааст. Маҳз ҳамин сулҳу субот имконият дод, ки давлат ба масъалаҳои иқтисод, маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ ва беҳбудии зиндагии мардум таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Дар солҳои истиқлол Тоҷикистон тамоми ниҳодҳои асосии давлатдории муосирро таъсис ва такмил дод. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 барои ташаккули низоми ҳуқуқии давлат аҳаммияти сарнавиштсоз дошт. Дар заминаи Конститутсия сохторҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ таҳким ёфтанд. Артиши миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми идоракунии давлатӣ ва дигар институтҳои муҳим таъсис дода шуданд. Тоҷикистон тавонист пояҳои давлатдории худро устувор гардонад ва ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ рушд намояд. Дар баробари ин, рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми ҳувияти миллӣ мақоми махсус пайдо карданд. Эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ ба яке аз арзишҳои муҳимми ҷомеа табдил ёфт.

Пешрафти иқтисодӣ ва болоравии сатҳи зиндагӣ

Дар ибтидои солҳои истиқлол иқтисодиёти Тоҷикистон дар вазъияти бисёр душвор қарор дошт. Ҳаҷми истеҳсолот коҳиш ёфта, бисёр корхонаҳо фаъолият намекарданд ва сатҳи камбизоатӣ баланд буд. Дар тӯли 35 сол Тоҷикистон тавонист ба пешрафтҳои назаррас ноил гардад. Иқтисоди миллӣ тадриҷан рушд карда, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ чандин маротиба афзоиш ёфт. Садҳо корхонаҳои саноатӣ таъсис ёфта, ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ муҳайё шуданд. Агар солҳои аввали истиқлол қисми зиёди аҳолӣ дар шароити мушкили иҷтимоӣ қарор дошта бошанд, имрӯз сатҳи зиндагии мардум ба таври назаррас беҳтар гардидааст. Музди меҳнат, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ мунтазам афзоиш меёбанд.

Барномаҳои давлатии коҳиши сатҳи камбизоатӣ самараи мусбат дода, шумораи аҳолии камбизоат чандин маротиба коҳиш ёфтааст. Рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ барои ташаккули иқтисоди бозорӣ мусоидат намуданд.

Аз бунбасти коммуникатсионӣ то кишвари транзитӣ

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлол раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳистон солҳои зиёд бо мушкилоти роҳҳои нақлиётӣ рӯ ба рӯ буд. Бисёр минтақаҳои кишвар дар фаслҳои муайяни сол аз ҳам чудо мемонданд. Дар солҳои истиқлол садҳо километр роҳҳои байналмилалӣ ва дохилӣ бунёд ва таҷдид гардиданд.

Даҳҳо нақбу пулҳои замонавӣ сохта шуданд. Нақбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Чормағзак», «Хатлон» ва дигар иншооти муҳандисӣ имконият доданд, ки минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба ҳам пайваст шаванд. Имрӯз Тоҷикистон дорои шабакаи муосири роҳҳо мебошад ва тадриҷан ба кишвари транзитии минтақа табдил меёбад. Ин раванд барои рушди иқтисод, тиҷорат ва сайёҳӣ аҳаммияти калон дорад.

Истиқлоли энергетикӣ – ормони ба воқеият табдилёфта

Таъмини амнияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат маҳсуб мешавад. Солҳои аввалини истиқлол норасоии неруи барқ ба яке аз мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфта буд. Дар давраи истиқлол даҳҳо неругоҳҳои хурду бузург сохта ва таҷдид гардиданд. Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2» ва садҳо иншооти дигари энергетикӣ ба истифода дода шуданд. Идомаи сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун ба рамзи азму ирода ва эътимоди мардум ба оянда табдил ёфт. Ба истифода додани агрегатҳои аввали ин неругоҳ қадами муҳим дар роҳи расидан ба истиқлоли комили энергетикӣ мебошад. Имрӯз истеҳсоли неруи барқ нисбат ба солҳои аввали истиқлол чандин маротиба афзоиш ёфтааст ва имкониятҳои нави содироти неруи барқ низ фароҳам омадаанд.

Маориф – сармоягузорӣ ба ояндаи миллат

Дар сиёсати давлатии Тоҷикистон соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятнок муайян гардидааст. Дар солҳои истиқлол ҳазорон муассисаи таълимӣ бунёд ва таҷдид шуданд. Агар дар ибтидои солҳои навадум имкониятҳои соҳа маҳдуд буданд, имрӯз шабакаи муассисаҳои таълимӣ ба таври назаррас густариш ёфтааст. Мактабҳои замонавӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои томактабӣ фаъолият доранд. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ афзоиш ёфта, ҳазорҳо ҷавон дар дохил ва хориҷи кишвар таҳсил менамоянд. Барномаҳои давлатӣ барои омода намудани мутахассисони баландихтисос заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Дар баробари ин, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ба ҳаракати бузурги фарҳангиву маърифатӣ табдил ёфта, ҳазорҳо наврасу ҷавонро ба китобхонӣ, илмомӯзӣ ва эҷодкорӣ ҷалб намудаанд.

Илм ва инноватсия дар меҳвари таваҷҷуҳ

Рушди илм яке аз шартҳои муҳимми пешрафти ҳар давлат аст. Дар солҳои истиқлол фаъолияти муассисаҳои илмӣ густариш ёфта, даҳҳо марказҳои илмӣ ва пажуҳишӣ таъсис дода шуданд. Ҳукумати кишвар ба рушди илм, технологияҳои нав ва рақамикунонии соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Эълон гардидани солҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, рушди иқтисоди рақамӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон ба ояндаи технологӣ нигаронида шудааст. Имрӯз ҷавонони тоҷик дар олимпиадаҳо ва озмунҳои байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои намоён мегарданд. Ин нишон медиҳад, ки иқтидори илмии кишвар тадриҷан тақвият меёбад.

Эҳёи фарҳанг ва худшиносии миллӣ

Истиқлол барои эҳёи фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллӣ шароити бесобиқа фароҳам оварад. Дар ин давра таҷлили ҷашнҳои бузурги миллӣ ва байналмилалӣ ба рушди худшиносии миллӣ мусоидат намуд. Бузургдошти шахсиятҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла, Имоми Аъзам, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон барои муаррифии мероси маънавии миллат нақши муҳим бозид. Сохтмони Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Кохи Наврӯз ва дигар иншооти фарҳангӣ ба рушди ҳаёти фарҳангии ҷомеа такони ҷиддӣ бахшид. Забони давлатӣ низ дар давраи истиқлол мақоми шоистаи худро пайдо намуда, ба унвони яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ таҳким ёфт.

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ

Дар давраи истиқлол Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардид. Имрӯз кишвар бо аксари давлатҳои ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ дорад ва узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад.

Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об яке аз дастовардҳои бузурги сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб мераванд. Эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ва дигар иқдомҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои муҳимми сайёра саҳми арзанда мегузорад. Мавқеи фаъолонаи кишвар дар масъалаҳои иқлим, амният, мубориза бо терроризм ва рушди устувор низ дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Ҷавонон – неруи пешбарандаи ҷомеа

Дар солҳои истиқлол сиёсати давлатии ҷавонон ба яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлат табдил ёфт. Садҳо муассисаҳои варзишӣ, марказҳои ҷавонон ва майдончаҳои муосир бунёд гардиданд. Ҷавонони тоҷик имрӯз дар соҳаҳои илм, варзиш, фарҳанг ва технология муваффақиятҳои назаррас ба даст меоранд. Дастгирии давлатии ҷавонон имконият медиҳад, ки онҳо неру ва қобилияти худро барои рушди ҷомеа истифода намоянд. Маҳз ҷавонон бояд дастовардҳои истиқлолро ҳифз ва таҳким бахшида, Тоҷикистонро ба сатҳи боз ҳам баландтари рушд расонанд.

Тоҷикистон: имрӯз ва фардо

Сиву панҷ соли истиқлол нишон дод, ки Тоҷикистон роҳи дурусти рушдро интихоб кардааст. Кишваре, ки дар оғози истиқлол бо мушкилоти зиёди сиёсӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд, имрӯз ба давлати соҳибсубот, рӯ ба тараққӣ ва дорои нақши муайян дар минтақа табдил ёфтааст. Албатта, ҳанӯз ҳам масъалаҳое вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳоро замон талаб мекунад. Рушди саноатикунонӣ, рақамикунонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисод, таҳкими иқтидори илмӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми марҳалаи нав мебошанд. Аммо таҷрибаи 35 соли истиқлол собит намуд, ки халқи тоҷик қодир аст ҳар мушкилотро бо ирода, меҳнат ва ваҳдат паси сар намояд.

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ роҳи пурпечутоб, вале пурифтихореро тай намуд. Аз рӯзҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ то марҳалаи созандагиву бунёдкорӣ, аз бухрони иқтисодӣ то рушди устувор, аз парокандагӣ то ваҳдати миллӣ – ҳамаи ин саҳифаҳои муҳимми таърихи навини давлатдории тоҷикон мебошанд.

Имрӯз тамоми дастовардҳо самараи истиқлол аст. Ин дастовардҳо натиҷаи меҳнати содиқонаи мардуми Тоҷикистон ва сиёсати давлатсозие мебошанд, ки дар меҳвари он сулҳ, ваҳдат, субот ва рушди миллӣ қарор дорад. Тоҷикистон имрӯз бо эътимод ба неруи созандаи мардум, бо такя ба арзишҳои миллӣ ва бо азми устувор барои пешрафти минбаъда ба сӯйи фардои боз ҳам дурахшон қадам мегузорад. Зеро истиқлол барои тоҷикон сарнавишт, ифтихор, масъулият ва кафолати ҳастии давлату миллат мебошад.

Сухроб ШАРИФЗОДА,
номзади илмҳои иқтисодӣ

Барномаи рушди китобхонаҳои деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2027–2031 қабул гардид.

Сафое ба даст ор, эй тирарӯй,
Ки нанмояд оинаи тира рӯй!
Саъдии Шерозӣ

ФАЪОЛИЯТ

ПАРКҲОИ ТЕХНОЛОГӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ПАЙВАНДИ ИЛМ БО ИСТЕҲСОЛОТ

Паркҳои технологӣ муҳити мусоидеро фароҳам меоранд, ки дар он олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон, донишҷӯён ва соҳибкорон метавонанд якҷо фаъолият намуда, натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотиро ба истеҳсолот ворид намоянд, технологияҳои навро озмоиш кунанд ва маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намоянд.

Бо мақсади огоҳии бештар пайдо намудан бо фаъолияти паркҳои технологии мактабҳои олии кишвар бо сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадҷон Раҳмонзода ҳамсуҳбат гардидем.

- Нахуст мехостем, ки доир ба фаъолияти паркҳои технологӣ чанд сухан мегуфтед.

- Бо мақсади рушди фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи самараноки иқтидори илмии кишвар, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ паркҳои технологӣ таъсис дода шудаанд. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд, ки дар назди 24 муассиса парки технологӣ таъсис ёфтааст. Аз онҳо 16 парки технологӣ ба таври пурра фаъолият менамояд.

Бояд гуфт, ки мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми паркҳои технологии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун парки илмӣ (ё парки таҳқиқотӣ) ҳисобида мешаванд. Фаъолияти онҳо, пеш аз ҳама, ба рушди таҳқиқоти илмӣ, коркарди технологияҳои нав, тайёр намудани мутахассисони соҳибтахассус ва ворид намудани дастовардҳои илмӣ ба истеҳсолот равона гардидааст. Имрӯз дар заминаи паркҳои технологии донишгоҳҳо лоиҳаҳои гуногуни илмӣ-инноватсионӣ дар соҳаҳои дорусозӣ, кишоварзӣ, технологияҳои саноатӣ, технологияҳои иттилоотӣ, коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, истеҳсоли маводи сохтмонӣ, мебел, маҳсулоти косметологӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок амалӣ шуда истодаанд. Инчунин, як қатор ихтироот ва патентҳои олимони муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавассути паркҳои технологӣ ба истеҳсолот ҷорӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, Вазорати маориф ва илм ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани фаъолияти паркҳои технологӣ, такмили заминаи моддию техникӣ, ҷалби сармоягузорӣ, густариши ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, рушди тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намуда истодааст.

- Нақши паркҳои технологӣ дар ҳамгироии илм ва истеҳсолот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз чӣ иборат аст?

- Яке аз вазифаҳои асосии паркҳои технологӣ пайванди илм бо истеҳсолот мебошад. Агар натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ танҳо дар шакли рисолаҳо, мақолаҳо ва корҳои илмӣ боқӣ монанд, онҳо наметавонанд ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири назаррас расонанд. Аз ин рӯ, паркҳои технологӣ ҳамчун воситаи татбиқи амалии дастовардҳои илмӣ таъсис дода шудаанд.

Маҳз дар заминаи паркҳои технологӣ корҳои илмӣ ба маҳсулоти истеҳсолӣ, технологияҳои нав ва хизматрасониҳои инноватсионӣ табдил дода мешаванд. Дар ин раванд, олимон, омӯзгорон, донишҷӯён ва намояндагони бахши истеҳсолӣ ҳамкорӣ намуда, масъалаҳои амалии иқтисодиётро тавассути дастовардҳои илмӣ ҳал менамоянд. Имрӯз дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин ҳамгироӣ натиҷаҳои назаррас дода истодааст. Масалан, парки технологии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ бо 56 корхона ва ташкилот ҳамкорӣ дошта, дар се соли охир бо иштироки олимони донишгоҳ 11 нахустпатент ба даст овардааст.



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон як қатор корҳои илмии унвонҷӯён бевосита дар корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла, ҶДММ «Имон» ва ҶДММ «Шивер Тоҷикистон» татбиқ гардидаанд. Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино истеҳсоли доруҳои ватанӣ, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти парафарматсевтӣ ва шароби дулона, дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ихтирои дастгоҳи пахтахушккунӣ намунаи равшани пайванди илм бо истеҳсолот мебошанд.

Дар баъзе муассисаҳо фаъолияти паркҳои технологӣ бештар ба курсҳои омӯзишӣ ва хидматрасониҳо маҳдуд гардидааст. Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм барои густариши фаъолияти истеҳсолӣ, таъсиси коргоҳҳои таҷрибавӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи маҳсулоти илмталаб тадбирҳои иловагӣ амалӣ намуда истодааст.

Яке аз вазифаҳои муҳимми паркҳои технологӣ дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди фаъолияти ихтироъкорӣ ва инноватсионии онҳо мебошад. Дар заминаи паркҳои технологӣ донишҷӯён, магистрантон, докторантон ва муҳаққиқони ҷавон метавонанд корҳои илмӣ-таҳқиқотии худро дар лабораторияҳо ва коргоҳҳои таҷрибавӣ анҷом дода, натиҷаҳои онҳоро ба истеҳсолот пешниҳод намоянд. Имрӯз дар як қатор паркҳои технологӣ озмоишгоҳҳои муосир, марказҳои таҳқиқотӣ, гармхонаҳои таҷрибавӣ, коргоҳҳои истеҳсолӣ ва пойгоҳҳои омӯзишӣ фаъолият доранд.

Масалан, дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ таъсиси озмоишгоҳи ташхиси обҳои нӯшокӣ ва партов бо дастгирии шарикони байналмилалӣ дар назар гирифта шудааст. Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ лоиҳаи истеҳсоли 56 номгӯйи маҳсулоти шӯянда ва косметологӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ гардида истодааст.

Дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бошад, бо дастгирии ташкилоти TIKA боғҳои интенсивӣ, гармхонаҳои замонавӣ ва озмоишгоҳҳои кишоварзӣ таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон таҷрибаи амалӣ мегузаронанд. Ҳамзамон, донишҷӯён имконият доранд, ки дар таҳияи лоиҳаҳои грантӣ, озмунҳои инноватсионӣ ва корҳои ихтироъкорӣ фаъолона иштирок намоянд. Ин раванд ба ташаккули тафаккури инноватсионӣ, рушди соҳибкории технологӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мусоидат мекунад.

- Фаъолияти паркҳои технологӣ то кадом андоза ба ташкили ҷойҳои нави корӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ замина фароҳам меорад?

- Яке аз ҳадафҳои стратегии фаъолияти паркҳои технологӣ мусоидат ба шуғли хатмкунандагон ва ташаккули соҳибкории технологӣ мебошад. Талаботи бозори меҳнат ба мутахассисоне, ки ҳам донишҳои назариявӣ ва ҳам малакаҳои амалиро доро мебошанд, рӯз аз рӯз меафзояд. Аз ин рӯ, паркҳои технологӣ ҳамчун муҳити амалии омӯзиш ба донишҷӯён ва хатмкунандагон имконият медиҳанд, ки ҳанӯз дар давраи таҳсил дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҷрибаомӯзӣ, истеҳсоли маҳсулот ва татбиқи технологияҳои нав иштирок намоянд.

Дар натиҷа, онҳо метавонанд баъди хатми донишгоҳ фаъолияти худро дар худи паркҳои технологӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ё ширкатҳои инноватсионӣ идома диҳанд. Бархе аз хатмкунандагон ва муҳаққиқони ҷавон дар заминаи натиҷаҳои корҳои илмии худ ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ низ муваффақ гардидаанд. Имрӯз дар як қатор паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истеҳсоли маҳсулоти гуногун, аз ҷумла, доруҳои ватанӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, гиёҳҳои шифобахш, мебел, масолеҳи сохтмонӣ ва дигар маҳсулоти инноватсионӣ ба роҳ монда шудааст. Ин раванд барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби мутахассисони ҷавон заминаи мусоид фароҳам меорад.

- Барои тақвият бахшидани фаъолияти паркҳои технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кадом тадбирҳо андешида шудаанд?

- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди паркҳои технологиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва инноватсия меҳисобад. Бо ин мақсад, ҷиҳати такмил ва тақвияти фаъолияти онҳо як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ гардида истодаанд.

Пеш аз ҳама, барои такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти паркҳои технологӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул гардида, тартиби ташкил ва фаъолияти онҳо мушаххас карда шудааст. Ҳамзамон, тадбирҳо ҷиҳати таҳкими пойгоҳи моддию техникии паркҳои технологӣ, таъсиси озмоишгоҳҳои муосир, коргоҳҳои таҷрибавӣ ва марказҳои инноватсионӣ амалӣ мегарданд. Дар ин самт ҳамкориҳо бо шарикони байналмилалӣ густариш ёфтанд. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти вазорат ҷалби сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои илмӣ-инноватсионӣ мебошад. Дар баробари ин, барои дастгирии фаъолияти ихтироъкорӣ, гирифтани патент, рушди стартапҳои донишгоҳӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ мешаванд. Инчунин, ҳамкории паркҳои технологӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва бахши хусусӣ сол то сол густариш ёфта, барои татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот имкониятҳои бештар фароҳам мегарданд.

Мусоҳиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

РИСОЛАТ

ОМӮЗГОРӢ ШАРАФ АСТ

Ман солҳо боз омӯзгорам. Пайваста кӯшиш мекунам, ки шогирдонам инсонҳои хуб, бомаърифат ва саводнок ба камол расанд. Омӯзгорӣ касби бошараф, вале заҳматталаб аст.

Хушбахт аз онам, ки ҳар рӯз чеҳраи мунаввари кӯдакони зеборо бубинаму чашмҳоям нур бигиранду қалбам шодиву сурур. Шодмон аз онам, ки чун ба мактаб ворид мегардам, садои ширини шогирдонам «Салом, муаллима»-ро мешунавам.

Ҳар рӯзи ман пур аз меҳру муҳаббат, нуру сафо мегардад. Ҳамчун омӯзгор онҳоро мисли фарзандони хеш дӯст медораму дар руҳияи ватанпарварӣ тарбия менамоям.

Падару модар фикр мекунанд, ки тамоми масъулияти таълиму тарбия ба дӯши муаллимон аст, ҳол он ки сарчашмаи шакл гирифтани шуур ва зеҳни кӯдак ба волидайн марбут мебошад.

Аз таҷрибаи кориам дарёфтам, ки агар кӯдакону наврасонро ба омӯзиш шавқманд кунанд, онҳо ба дарс дилбастагии бештар пайдо менамоянд:

Ҳар киро устод набвад, кор бар
бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз
устод нест.

Устод инсонро аз ҷаҳолат наҷот медиҳад. Дар гулистони ҳастӣ гулҳои илму маърифатро парвариш мекунад ва шаҳди ширини донишро ба ташнагони илм мерасонад.

Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хидмат намекард, зиндагӣ пеш намерафт. Камолиддини Биноӣ бамаврид фармудааст:

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.

Муҳаррама САМИЕВА,
омӯзгори синфҳои ибтидоии
МТМУ №32-и
ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ

Дар шаҳри Душанбе Форуми рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ баргузор шуд.

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ: манбаи дониш ё воситаи вақтгузаронӣ?

Тайи даҳсолаҳои охир ҷаҳон ба марҳалаи нави рушди тамаддун, яъне, ҷомеаи рақамӣ ворид гардид. Агар дар гузашта дастрасӣ ба иттилоот рӯзҳо ва ҳатто ҳафтаҳоро талаб мекард, имрӯз ҳар як шахс метавонад танҳо бо ламси экрани телефон ё пахши тугмаи компютер ба миллионҳо манбаи иттилоотӣ, китобхонаҳои электронӣ, пойгоҳҳои илмӣ, воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манбаъҳои боз дастрасӣ пайдо намояд.



ЧӢ ГУНА НАВРАСОНРО АЗ ХАТАРҲОИ ФАЗОИ РАҚАМӢ ҲИФЗ НАМОЕМ?

Мутобиқи гузориши байналмилалии «Digital 2025: Global Overview Report», дар аввали соли 2025 шумораи истифодакунандагони интернет дар ҷаҳон ба 5,56 миллиард нафар расида, 67,9 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, шумораи корбарони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ба 5,24 миллиард баробар буда, ин нишондиҳанда 63,9 фоизи аҳолии ҷаҳонро дар бар мегирад.

Дар Тоҷикистон низ тавсеаи шабакаҳои алоқаи мобилӣ ва рушди хидматрасониҳои рақамӣ боис шудааст, ки шумораи истифодакунандагони интернет сол то сол зиёд гардад. Имрӯз интернет барои тахсил, муошират, фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани хидматрасониҳои давлатӣ, мутолиаи хабарҳо, фароғат ва ҳатто анҷом додани амалиёти молиявӣ васеъ истифода мешавад. Дар баробари ин, шабакаҳои иҷтимоӣ ба муҳити асосии муошират наврасону ҷавонон мубаддал гардидаанд.

Мувофиқи гузориши «Digital 2025: Tajikistan», дар соли 2025 дар Тоҷикистон зиёда 6 миллион нафар аз интернет истифода мекарданд ва шумораи корбарони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ 1,75 миллион нафар мебошад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи ғайримақсаднок ва беназорати онҳо метавонад ба як қатор мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва ҳатто саломатӣ оварда расонад. Имрӯз дар бисёр кишварҳои ҷаҳон масъалаҳои вобастагӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, паҳншавии иттилооти бардурӯғ, киберзӯроварӣ, қаллобии интернетӣ, муҳтавои номатлуб ва коҳиши фаъолияти воқеии иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб мераванд.

Абдулло Латифӣ, ҷомеашинос, доир ба ин мавзуъ чунин иброз дошт: «Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз ба як муҳити нави иҷтимоӣ табдил ёфтаанд, ки дар он одамон зиндагӣ мекунанд, дониш меомӯзанд, кор мекунанд, андеша мубодила менамоянд, ҷаҳонбинии худро ташаккул медиҳанд. Аз нигоҳи ҷомеашиносӣ, ин яке аз бузургтарин тағйироти иҷтимоии даҳсолаҳои охир ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, интернет барои ҷавонон ва наврасон имкони омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз худ кардани касбҳои нав, иштирок дар курсҳои онлайнӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодиро муҳайё мекунад, аз ҷониби дигар, яке аз масъалаҳои нигаронкунанда он аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ тадриҷан ба қисми асосии ҳаёти баъзе наврасон табдил меёбанд. Наврасон нисбат ба дигар гурӯҳҳои ҷомеа осебпазиртаранд, зеро маҳз дар ин давра шахсият ва ҷаҳонбинии онҳо ташаккул меёбанд. Агар манбаи асосии таъсиррасонӣ барои наврас танҳо муҳити маҷозӣ бошад, пас эҳтимоли таъсирпазирӣ аз муҳтавои номуносиб ё рафтори носолим бештар мешавад. Дар ин сурат, ҷомеа бояд, пеш аз ҳама, ба ташаккули фарҳанги истифодаи интернет таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Дар ин самт, нақши оила, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва худи ҷомеа муҳим аст».

Бо дарназардошти аҳаммияти рӯзафзуни масъала, омӯзиши истифодаи мақсадноки интернет, ташаккули фарҳанги дурусти корбурди шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи наврасон аз таъсири манфии муҳити рақамӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон ба яке аз вазифаҳои муҳимми ҷомеаи муосир табдил ёфтааст.

ИМКОНИЯТ ВА ТАҲДИДҲОИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Дар баробари интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ низ ба қисми ҷудонашавандаи ҳаёти миллиардҳо нафар табдил ёфтаанд. Facebook, Instagram, TikTok, YouTube, Telegram ва дигар платформаҳо имрӯз воситаи саргармкунии истифодабарандагон гардидаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз нигарониҳои асосии ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз истифодаи ғайримақсаднок ва аз ҳад зиёди шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Алгоритмҳои ин платформаҳо тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки таваҷҷуҳи истифодабарандаро ҳарчи бештар нигоҳ доранд. Наворҳои кӯтоҳ, тавсияҳои пайдарпай, огоҳиномаҳо ва имкони беист идома додани тамошо боис мешаванд, ки бисёр одамон, хусусан, наврасону ҷавонон соатҳои зиёдро дар муҳити маҷозӣ сипарӣ кунанд. Дар натиҷа вақти барои таҳсил, мутолиа, варзиш, муоширати оилавӣ, истироҳат ва дигар фаъолиятҳо кам мешавад.

Илова бар ин, дар муҳити интернет имрӯз иттилооти бардурӯғ, муҳтавои дорои унсурҳои зӯроварӣ, киберқаллобиҳо, таблиғи одатҳои номатлуб ва дигар падидаҳои манфӣ низ зиёд ба назар мерасанд. Барои шахсе, ки саводи рақамӣ ва тафаккури интиқодӣ надорад, фарқ кардани иттилооти саҳеҳ аз маълумоти бардурӯғ на ҳамеша осон аст.

Носирҷон Маъмурзода, муҳаққиқи соҳаи журналистика, иброз медорад: «Дар мавриди манъи пурраи истифодаи интернет ё шабакаҳои иҷтимоӣ наврасон кӯшиш мекунанд, ки роҳҳои дастрасиро пайдо кунанд, чунки наврасони замони муосир бисёр хуб балад ҳастанд, ки аз имкониятҳои интернет истифода баранд. Мисол, метавонанд профилҳои қалбакӣ созанд ё ин ки тариқи VPN ворид шаванд. Дар ин сурат, танҳо ба наврасон мо бояд дуруст фаҳмонем, ки интернет танҳо воситаи дилхушӣ набуда, ҳамчун василаи доимӣ ё зерсохтори асосии таълим, рушди малакаҳои техникӣ ва васеъ кардани ҷаҳонбинӣ бояд ба кор бурда шавад».

Коршиносон бар он назаранд, ки агар шахс тавонад вақти худро дуруст танзим кунад ва манбаъҳои боэътимодро интихоб намояд, интернет метавонад ба воситаи муассири рушди шахсӣ ва касбӣ табдил ёбад.

ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН

Солҳои охир бисёр давлатҳо ба хулосае омадаанд, ки рушди технологияҳои рақамӣ бояд ҳамзамон, бо ҳифзи ҳуқуқ ва саломатии кӯдакону наврасон пеш равад. Аз ин рӯ, як қатор кишварҳо бо қабули қонунҳо, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои синнусолӣ, назорати фаъолияти платформаҳои рақамӣ ва баланд бардоштани саводи рақамии шаҳрвандон кӯшиш доранд, ки таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоиро ба насли наврас коҳиш диҳанд.

Яке аз кишварҳое, ки дар ин самт иқдоми ҷиддӣ анҷом дод, Австралия мебошад. Соли 2024 парлумони ин кишвар қонунеро қабул намуд, ки мутобиқи он, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадор мешаванд, ки аз таъсиси ҳисобҳои корбарӣ барои шахсони то 16-сола пешгирӣ намоянд. Ҳадафи асосии қонун маҳдуд кардани дастрасии наврасон ба муҳтавои зараровар, коҳиш додани вобастагӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи саломатии равонии онҳо ва татбиқи ҳадафҳои мусбат мебошад. Барои ширкатҳое, ки талаботи қонунро иҷро намекунанд, ҷаримаҳои калон пешбинӣ шудааст.

Дар Фаронса низ масъалаи истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби кӯдакон зери назорати қатъӣ қарор дорад. Аз соли 2018 истифодаи телефонҳои мобилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ манъ гардидааст. Мақсади ин тадбир беҳтар намудани муҳити таълим ва зиёд кардани муошират рӯ ба рӯ буда, ба ин хонандагон мебошад. Илова бар ин, мақомоти Фаронса масъалаи пурзӯр намудани назорати синну соли истифодакунандагони шабакаҳои иҷтимоиро пайваста баррасӣ мекунанд.

Чин низ яке аз кишварҳое мебошад, ки дар танзими муҳити рақамӣ сиёсати нисбатан қатъиро пеш гирифтааст. Дар ин кишвар барои истифодаи баъзе хидматрасониҳои рақамӣ аз ҷониби ноболиғон маҳдудиятҳои вақт ҷорӣ шудаанд. Ҳамчунин, ширкатҳои технологӣ вазифадор мебошанд, ки барои кӯдакон муҳити махсуси бехатарро фароҳам ованд.

Кореяи Ҷанубӣ, ки яке аз кишварҳои пешсаф дар соҳаи технология мебошад, солҳои зиёд масъалаи вобастагӣ аз интернетро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ин кишвар барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии вобастагӣ аз интернет рӯйи кор омадаанд. Барои кӯдакону наврасоне, ки ба истифодаи аз ҳад зиёди интернет гирифтор шудаанд, марказҳои машваратӣ ва барномаҳои махсуси барқарорсозӣ фаъолият мекунанд. Дар муассисаҳои таълимӣ низ ба масъалаи фарҳанги истифодаи интернет диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Дар Британияи Кабир низ масъалаи амнияти кӯдакон дар муҳити рақамӣ аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузории марбути ин кишвар аз ширкатҳои рақамӣ талаб мекунад, ки барои муҳофизати кӯдакон аз муҳтавои зараровар чораҳои муассир андешанд, аз ҷумла, санҷиши синну соли истифодабарандагонро такмил диҳанд ва дастрасӣ ба муҳтавои номатлубро маҳдуд созанд.

Дар кишварҳои Норвегия ва Шветсия диққати асосӣ бештар ба баланд бардоштани саводи рақамии шаҳрвандон равона шудааст. Дар барномаҳои таълимӣ ба кӯдакон аз хурдӣ қоидаҳои истифодаи бехатари интернет, ҳифзи маълумоти шахсӣ, шинохти хабарҳои бардурӯғ ва тарзи муносибат бо муҳити рақамӣ омӯзонида мешаванд. Мутахассисони ин кишварҳо бар он ақидаанд, ки танҳо манъ кардан барои ҳалли масъала кофӣ нест ва бояд фарҳанги истифодаи технологияҳо низ ташаккул дода шавад.

ЧАРО МАҲЗ НАВРАСОН БЕШТАР ОСЕБПАЗИРАНД?

Дар байни ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ наврасон бештар аз дигарон зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ қарор мегиранд. Давраи наврасӣ марҳалаи ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад.

Ба гуфтаи Д. Ибодуллоев, коршиноси технологӣ, яке аз омилҳои асосии ҷалби наврасон алгоритмҳои зеҳни сунъии шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд: «Ин алгоритмҳо фаъолияти ҳар як истифодабарандаро таҳлил намуда, вобаста ба шавқу завқ, синну сол ва рафтори ӯ муҳтавои мувофиқро пайваста пешниҳод мекунанд. Агар наврас якчанд навори муайянро тамошо кунад ё ба мавзуи мушаххас таваҷҷуҳ зоҳир намояд, система муҳтавои монандро пешниҳод мекунад. Бо ин роҳ эҳтимоли тарк кардани барнома кам гардида, вақти истифода зиёд мешавад».

– Якчанд омиле ҳаст, ки ба наврасон таъсир мерасонанд. Дар аксари ҳолат наврасон барои ҳамқадам шудан бо дӯстону ҳамсафон маҷбур мешаванд дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол бошанд. Ҳамзамон, наврасон бештар аз дигарон ба гирифтани баҳои мусбати атрофиён эҳтиёҷ доранд. Аз ин рӯ, шумораи лайкҳо, шарҳҳои мусбат ё зиёд шудани обуначиён метавонад ба ҳолати равонии онҳо таъсири ҷиддӣ расонад. Агар интизориҳои онҳо амалӣ нашаванд, эҳсоси норозигӣ, изтироб ё ҳатто паст шудани эътимод ба худ пайдо мешавад. Дар баъзе ҳолат наврасон барои зиёд кардани шумораи бинандагон ё обуначиён ба амалҳое даст мезананд, ки метавонанд ба обрӯи онҳо зарар расонанд. Боз як масъалаи нигаронкунанда зиёд шудани блогерҳо ва шахсиятҳои маъруфи интернетӣ мебошад. Бархе аз онҳо тарзи ҳаёти ғайривоқеӣ, сарватмандии зуд, истеъмолгароӣ, рафтори дағалона ё дигар одатҳои носолимро ҳамчун нишонаи муваффақият нишон медиҳанд. Наврасе, ки ҳанӯз ҷаҳонбинии устувор надорад, метавонад чунин муҳтаворо ҳамчун меъёри зиндагӣ қабул кунад. Дар баробари ин, набудани машғулиятҳои муфид низ яке аз сабабҳои асосии зиёд истифода шудани шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳангоми кам будани имкониятҳои фароғатӣ, маҳфилҳои эҷодӣ, варзишӣ ё фарҳангӣ бисёр наврасон қисми зиёди вақти холии худро дар телефон мегузаронанд. Бо мурури замон ин одат метавонад ба вобастагӣ табдил ёбад, - мегӯяд равоншинос С. Мирзозода.

Н. Маъмурзода таъкид мекунад, ки маҳдуд кардани дастрасии наврасон ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳи ягонаи ҳалли масъала нест. Муҳимтар аз ҳама, ташаккули фарҳанги истифодаи интернет, баланд бардоштани саводи рақамӣ, омӯзонидани тафаккури интиқодӣ ва тақвияти назорати оқилонаи волидайн мебошад. Наврас бояд омӯзад, ки интернет, ҳамзамон, воситаи омӯзиш ва рушди шахсӣ аст. Танҳо дар ҳамин сурат метавон аз имкониятҳои фарохи технологияҳои рақамӣ самаранок истифода бурд ва хатари таъсири манфии онҳоро коҳиш дод.

ФАРҲАНГИ ИСТИФОДАРО ТАКМИЛ БАХШЕМ

Таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон ва вазъи кунунӣ нишон медиҳад, ки роҳи ҳалли мушкилоти истифодаи ғайримақсадноки интернет бо қабули қонунҳо ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ набуда, натиҷаи устувор танҳо дар сурати ҳамоҳангии фаъолияти давлат, оила, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худи ширкатҳои технологӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, ташаккули фарҳанги истифодаи технологияҳои рақамӣ бояд ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ табдил ёбад.

– Яке аз масъалаҳои асосӣ, омӯзонидани кӯдак ба идоракунии вақти худ мебошад. Агар кӯдак аз хурдӣ дарк кунад, ки интернет, пеш аз ҳама, воситаи омӯзиш аст, эҳтимоли вобастагӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ хеле кам мешавад. Манъи комил одатан натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, зеро он метавонад кунҷковии кӯдакро бештар кунад. Муҳим он аст, ки дар оила фазои эътимод вуҷуд дошта бошад ва волидон бо фарзандон дар бораи муҳтавои интернет, хатарҳои фазои маҷозӣ ва меъёрҳои муошират солим мунтазам суҳбат кунанд, - иброз дошт С. Мирзозода, равоншинос.

Дар баробари таъсири равонии шабакаҳои иҷтимоӣ ба наврасон, ҳамзамон, аз лиҳози саломатӣ низ таъсири манфӣ доранд.

– Технологияҳои рақамӣ зиндагии моро осон кардаанд, вале истифодаи аз ҳад зиёди онҳо метавонад ба саломатӣ таъсири манфӣ расонад. Бештар аз ҳама, чашм, сутунмуҳра, низоми асаб ва меъёри хоб осеб мебинанд. Барои пешгирии мушкилот тавсия дода мешавад, ки вақти истифодаи телефон ва компютер танзим карда шавад. Ҳар ним соат танаффус гирифта, машқҳои чисмонӣ анҷом дода, ҳадди ақал як соат пеш аз хоб аз истифодаи экранҳои электронӣ худдорӣ карда шавад, - мегӯяд Ҳ. Қосимова, мутахассиси соҳаи тиб.

Дар асри рақамӣ ҳадаф на дур нигоҳ доштани кӯдак аз интернет, балки омӯзонидани истифодаи дурусти он аст. Интернет метавонад ҳам таъсири мусбат дошта бошад ва ҳам таъсири манфӣ, интихоби он, ки ба кадом роҳ табдил ёбад, пеш аз ҳама, аз фарҳанги истифодаи мо вобаста аст.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди энергетикаи барқароршаванда» ҳамоиш баргузор шуд.

Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд,
Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд.
Саъдии Шерозӣ

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти нуздаҳум (синфҳои 8 ва 9)

Ҳисоб намудани қимати ифодаҳои функционалӣ

Масъалаи 89. Маълум аст, ки функсияи $f(x)$ барои ҳар як қимати $x\in(-\infty;+\infty)$ баробарии $f(x)+(0{,}5+x)f(1-x)=1$-ро қаноат менамояд. Ҳамаи функсияи $f(x)$-ро ёбед.

Масъалаи 90. $f(x)$-ро ёбед, агар $f(2^x+1)=4^x$ бошад.

Масъалаи 91. Маълум аст, ки $f(x-2)=x^2-5x+16$ аст. Қимати хурдтарини $f(x)$-ро ёбед. Дар кадом қимати асос ичро мешавад?

Масъалаи 92. $f(\sqrt{2})$-ро ёбед, агар $f\left(x-\frac{1}{x}\right)=x^2+\frac{1}{x^2}$ бошад.

Масъалаи 93. Функсияҳои $f(x)=ax+2$ ва $g(x)=x+a-1$ дода шудааст. Дар кадом қиматҳои параметри a баробарии $f(g(x))=g(f(x))$ барои ҳамаи x ичро мегардад?

Масъалаи 94. Агар $f(x)=x^2+3x+2$ бошад, қимати ифодаи $\left(1-\frac{2}{f(1)}\right)\left(1-\frac{2}{f(2)}\right)\left(1-\frac{2}{f(3)}\right)\cdot\ldots\cdot\left(1-\frac{2}{f(2022)}\right)$=-ро ёбед.

Ҳалли масъалаҳо

89. Ҳал. Ба асоси баробарӣ $(1-x)$-ро гузошта, системаи муодилаҳои зеринро пайдо мекунем:

$$\begin{cases} f(x)+(0{,}5+x)f(1-x)=1,\\ f(1-x)+(0{,}5+1-x)f(1-(1-x))=1 \end{cases}$$ ё ки
$$\begin{cases} f(x)+(0{,}5+x)f(1-x)=1,\\ f(1-x)+(1{,}5-x)f(x)=1. \end{cases}$$

Системаи муодилаҳои ҳосилшударо бо методи хориҷ намудани номаълум ҳал мекунем. Барои муодилаи дуюми системаро бо $(0{,}5+x)$ зарб мекунем:


$$\begin{cases} f(x)+(0{,}5+x)f(1-x)=1,\\ (0{,}5+x)f(1-x)+(0{,}5+x)(1{,}5-x)(f(x)=(0{,}5+x). \end{cases}$$

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$f(x)+(0{,}5+x)f(1-x)-(0{,}5+x)f(1-x)-$
$-(0{,}5+x)(1{,}5-x)f(x)=1-(0{,}5+x);$
$f(x)-(0{,}5+x)(1{,}5-x)f(x)=1-(0{,}5+x);$
$f(x)-(0{,}5+x)(1{,}5-x)f(x)=1-0{,}5-x;$
$f(x)(1-(0{,}5+x)(1{,}5-x))=0{,}5-x;$

$$f(x)=\frac{0{,}5-x}{1-(0{,}5+x)(1{,}5-x)}=\frac{0{,}5-x}{x^2-x+0{,}25}=$$
$$=\frac{0{,}5-x}{x^2-2\cdot0{,}5x+0{,}5^2}=\frac{0{,}5-x}{(0{,}5-x)^2}=\frac{1}{0{,}5-x},\ x\neq0{,}5.$$

Агар $x=0{,}5$ бошад, он гоҳ аз муодилаи матлуб пайдо мекунем:



$f(0{,}5)+(0{,}5+0{,}5)f(1-0{,}5)=1;$
$f(0{,}5)+f(0{,}5)=1;\ 2f(0{,}5)=1;\ f(0{,}5)=0{,}5.$

Дар натиҷа $f(x)=\begin{cases}\frac{1}{0{,}5-x} & x\neq0{,}5\\ 0{,}5;\ x=0{,}5\end{cases}$ ҳосил мешавад.

Ҷавоб: $f(x)=\begin{cases}\frac{1}{0{,}5-x}, & x\neq0{,}5\\ 0{,}5;\ x=0{,}5\end{cases}$

90. Ҳал. Барои ёфтани қимати $f(x)$ аз қадамҳои зерин истифода мекунем:

Қадами 1. Бигузор $2^x+1=t$ бошад, он гоҳ $2^x=t-1$ мешавад.

Қадами 2. Тарафи рости ифодаи матлубро табдил медиҳем:

$4^x=(2^2)^x=(2^x)^2=(t-1)^2.$

Қадами 3. $f(t)=(t-1)^2\xrightarrow{t\sim x}f(x)=(x-1)^2.$

Ҷавоб: $f(x)=(x-1)^2.$

91. Ҳал. Ба баробарии додашуда $x=t+2$ -ро мегузорем:

$f(t+2-2)=(t+2)^2-5(t+2)+16.$

Пас аз кушодани қавсҳо пайдо мекунем: $f(t)=t^2-t+10.$

Қимати хурдтарини сеузваи квадратӣ ҳангоми $t=-\frac{b}{2a}$

$=-\frac{-1}{2\cdot1}=\frac{1}{2}$ ичро мешавад. $t=\frac{1}{2}$-ро ба $f(t)=t^2-t+10$ мегузорем:

$$f\left(\frac{1}{2}\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^2-\frac{1}{2}+10=\frac{1}{4}-\frac{1}{2}+10=\frac{1-2+40}{4}=$$
$$=\frac{39}{4}=9\frac{3}{4}=9{,}75.$$

Пас, ҳангоми қимати аргумент 0,5 будан, ичро мешавад.

Ҷавоб: 9,75, ҳангоми қимати аргумент 0,5 будан.

92. Ҳал. Қимати x-ро меёбем, ки барои баробарии $x-\frac{1}{x}=\sqrt{2}$ ичро мешавад.

Муодилаи охиронро ҳал мекунем: $x^2-\sqrt{2}x-1=0;$

$x_{1,2}=\frac{\sqrt{2}\pm\sqrt{6}}{2}$

Қимати $y=x^2+\frac{1}{x^2}$-ро ҳангоми $x=\frac{\sqrt{2}\pm\sqrt{6}}{2}$ будан, ҳисоб мекунем:

$$f\left(\frac{\sqrt{2}\pm\sqrt{6}}{2}\right)=\left(\frac{\sqrt{2}\pm\sqrt{6}}{2}\right)+\frac{1}{\left(x=\frac{\sqrt{2}\pm\sqrt{6}}{2}\right)^2}=$$
$$=\frac{8\pm2\sqrt{12}}{4}+\frac{4}{8\pm2\sqrt{12}}=2\pm\sqrt{3}+\frac{1}{2\pm\sqrt{3}}=$$
$$=2\pm\sqrt{3}+\frac{2\mp\sqrt{3}}{(2\pm\sqrt{3})(2\mp\sqrt{3})}=2\pm\sqrt{3}+2\mp\sqrt{3}=4.$$

Ҷавоб: 4.

93. Ҳал. Аввал қиматҳои $f(g(x))$ ва $g(f(x))$-ро муайян мекунем.

Қимати $f(g(x))$-ро меёбем:

$f(g(x))=ag(x)+2=a(x+a-1)+2=ax+a^2-a+2.$

Қимати $g(f(x))$-ро меёбем:

$g(f(x))=f(x)+a+1=ax+2+a-1=ax+a+1.$

Пас, баробарии $f(g(x))=g(f(x))$ ба намуди $ax+a^2-a+2=ax+a+1$ доро мешавад. Муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем: $a^2-2a+1=0;\ (a-1)^2=0;$ ё $a-1=0$ ё ки $a=1.$

Ҷавоб: $a=1.$

94. Ҳал. Бояд қайд намуд, ки $1-\frac{2}{f(n)}=1-\frac{2}{n^2+3n+2}=$

$=\frac{n^2+3n}{n^2+3n+2}=\frac{n(n+3)}{(n+1)(n+2)}$ аст.

Пас, $\left(1-\frac{2}{f(1)}\right)\left(1-\frac{2}{f(2)}\right)\left(1-\frac{2}{f(3)}\right)\ldots\left(1-\frac{2}{f(2022)}\right)=$

$=\frac{1\cdot4}{2\cdot3}\cdot\frac{2\cdot5}{3\cdot4}\cdot\frac{3\cdot6}{4\cdot5}\cdot\frac{4\cdot7}{5\cdot6}\ldots\frac{2021\cdot2024}{2022\cdot2023}\cdot\frac{2022\cdot2025}{2023\cdot2024}=$

$=\frac{1\cdot2025}{3\cdot2023}=\frac{675}{2023}.$

Ҷавоб: $\frac{675}{2023}.$

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Масъалаҳои шавқовари физикӣ

Ҳалли якчанд масъаларо аз фанни физика барои синфҳои X ва XI аз боби қонунҳои газӣ пешниҳод менамоем. Қонунҳои газӣ аслан се қонунро дар бар мегиранд:

Қонуни Бойл-Мариоттӣ $PV=\text{const}.$ $T=0.$ $P_1V_1=P_2V_2$

Қонуни Гей-Люссак $\frac{P}{T}=\text{const}.$ $P=0.$ $V_1T_2=V_2T_1$

Қонуни Шарл $\frac{P}{T}=\text{const}.$ $V=0.$ $\frac{P_1}{P_2}=\frac{T_1}{T_2}$

Қонунҳои газӣ аз рӯйи параметрҳо (равандҳо) баҳо дода мешаванд:

Изотермӣ: $T=\text{const}$

Изобарӣ: $P=\text{const}$

Изохорӣ: $V=\text{const}$

Адиабатӣ: $Q=O$ (Раванде, ки дар он интиқоли гармӣ ба амал намеояд).

Масъалаи 1. Оби ҳаҷмаш 1.8 л чӣ қадар миқдори модда дорад? Зичии об 1000 кг/м^{3}ва массаи молии он ба 0.018 кг/мол баробар аст.

Дода шудааст
$V=1.8\text{ л}=1.8\cdot10^{-3}\text{м}$
$\rho=1000\text{кг/м}^3$
$M_{об}=18\cdot10^{-3}\text{м кг/мол}$
$\nu=?$

Ҳалли масъала:

Дар ҳалли ин масъала аз формулаи қонуни Менделеев – Клайперон истифода мебарем:

$PV=\frac{m}{м}RT\quad\rho=\frac{1}{3}\rho\vartheta^2=\frac{\rho\vartheta^2}{3}\quad\rho=\frac{\rho\vartheta^2}{3}$

$\rho=\frac{1}{3}\rho\vartheta^2$. Формулаи вобастагии фишор аз зичиро дар формулаи Менделеев-Клайперон мегузорем ва формуларо табдилдиҳӣ мекунем:

$PV=\frac{m}{м}\quad\frac{m}{м}=\nu$ мегирем.

$PV=\nu RT.$ Ба ҷойи фишор дар ин формула $\rho=\frac{\rho\vartheta^2}{3}$ мегузорем:

$PV=\nu RT\quad\frac{\rho\vartheta^2}{3}\cdot V=\nu RT\ \rho\vartheta^2V=3\nu RT$ аз ин формула $\vartheta^2=\frac{3RTN_A}{M}.$

Формулаҳоро дар формулаи зерин мегузорем:

$$v=\frac{\rho\vartheta^2V}{3RT}=\frac{\rho\frac{3KTN_A}{M}\cdot V}{3RT}=\frac{\rho3KTN_A\cdot V}{M\,3RT}=$$
$$=\frac{\rho3KTN_A\cdot V}{3RTM}=\frac{\rho3KTN_A\cdot V}{3RTM}=\frac{\rho RV}{MR}=$$
$$=\frac{\rho V}{M}=\frac{1000\text{кг/м}^3\cdot1.8\cdot10^{-3}\text{м}^3}{18\cdot10^{-3}\text{кг/мол}}=$$
$$=\frac{1800}{18}=100\text{ мол}.$$

Миқдори моддаи оби ҳаҷмаш 1.8 л ё $1.8\cdot10^{-3}$м^3 баробари 100 мол будааст.

Ҷавоб: 100 мол

Масъалаи 2. Газ ҳангоми фишори 0.2 МПа ва ҳарорати 15°C ҳаҷми 5 л-ро ишғол мекунад. Дар шароити нормалӣ газ ҳамин қадар масса дошта, кадом ҳаҷмро ишғол мекунад? .

Дода шудааст
$P=0.2\text{ МПа}=0.2\cdot10^6\text{ Па}$
$T=t+273=15+273=288\ K$
$V_1=5\text{ л}=5\cdot10^{-3}\text{м}^3$
$v_2=?$

Ҳалли масъала:

Аз формулаи Менделеев – Клайперон мо массаи ҷисмро ҳангоми доимӣ будани фишор меёбем. Аз аввал формуларо менависем:

$PV=\frac{m}{м}RT\qquad(1)$

Аз ин формула массаи ҷисмро меёбем.

$PV=\frac{m}{м}RT=\frac{mRT}{м}$

$PV=\frac{mRT}{м}\qquad PVM=mRT$

$m=\frac{PVT}{RT}\qquad(2)$

Аз формулаи зерин дар шароити нормалии газ ҳаҷми ишғолкардаи газро меёбем:

$PV=\frac{m}{м}RT\qquad PVM=mRT$

$V=\frac{mRT}{PM}\qquad(3)$

Қимати ҳосилшудаи формуларо дар формулаи (2) мегузорем:

$m=\frac{PVM}{RT}\qquad V=\frac{mRT}{PM}=\frac{\frac{PVM}{RT}\cdot RT}{PM}=$

$=\frac{\frac{PVMRT}{RT}}{PM}=\frac{PVMRT}{RTPM}=\frac{PVT}{RT}$

$V=\frac{PVT}{RT}=\frac{0.2\cdot10^6\text{Па}\cdot5\cdot10^{-3}\text{м}^3\cdot273\text{К}}{10^5\text{ Па}\cdot288\text{К}}=$

$=\frac{273\cdot10^3\cdot10^{-5}}{288}=\frac{273\cdot10^{-2}}{288}=$

$=0.947\cdot10^{-2}\text{ м}^3\ 9.47\cdot10^{-3}\text{м}^3=9.5\text{ л}$

Яъне, ҳаҷми гази ҳосилшуда 9.5 л будааст.

Ҷавоб: 9.5 л

Масъалаи 3. Ҳарорати гази дар дохили зарфи силиндршакли масоҳаташ 50 см^2 мавҷудбуда чӣ қадар аст, агар поршени массааш 700 г, ки ба он зарф маҳкам карда шудааст, дар мувозинат бошад? Консентратсияи молекулаҳои газ 10^{25}м^3.

Дода шудааст
$S=50\text{ см}^2=50\cdot10^{-4}\text{ м}^2$
$m=700\text{ г}=0.7\text{ кг}$
$n=10^{25}\text{м}^3$
$T=?$

Ҳалли масъала:


Барои ҳалли ин масъала аз формулаи вобастагии фишори моеъ ва консентратсияи ҳарорати молекулаҳо истифода мебарем:

$P=nRT$

Аз ин формула ҳарорати зарфи силиндршаклбударо меёбем:

$P=\frac{F}{S}\quad T=\frac{P}{nK}$

Формулаи фишорро дар ин формула татбиқ мекунем.



$T=\frac{P}{nK}=\frac{\frac{F}{S}}{nK}=\frac{F}{SnK}\qquad T=\frac{F}{SnK}$

Формулаи қувваи вазниниро дар ин формула мегузорем:

$F=mq\ T=\frac{F}{SnK}=\frac{mq}{SnK}\ T=\frac{mq}{SnK}$

Дар формулаи ҳосилшуда қиматҳои дар болобударо гузошта, қимати ҳарорати газро дар силиндр ҳисоб мекунем:

$$T=\frac{mq}{SnK}=\frac{0.7\text{кг}\cdot10\text{м/с}^2}{50\cdot10^{-4}\cdot10^{25}\text{м}^3\cdot1.38\cdot10^{-23}}=$$
$$=\frac{7}{69\cdot10^{-27}\cdot10^{25}}=\frac{7}{69\cdot10^{-2}}=$$
$$=\frac{7}{69\cdot10^{-2}}=\frac{7\cdot10^{-2}}{69}=\frac{700}{69}=\frac{700}{70}=10\text{ К}$$

Маълум шуд, ки ҳарорати дар силиндр буда 10К будааст.

Ҷавоб: 10К

Раҷабалӣ САФАРОВ,
омӯзгори физикаи МТМУ №124-и ноҳияи Фирдавсӣ

Дар Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи Муҳаммадҷон Қосимов намоишномаи «Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод гардид.

ЯК РӮЗ ДАР ФАРОҒАТГОҲҲО



Таътили тобистона яке аз давраҳои муҳим дар ҳаёти кӯдакону наврасон ба ҳисоб меравад. Истифодаи дурусту мақсадноки таътили тобистона метавонад дар ташаккули шахсияти насли нав таъсири мусбат расонад. Бинобар ин, бо мақсади хотирмон гузаронидани истироҳати тобистона ҳамасола кӯдакони зиёде ба фарогатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ва наздимуассисавӣ ҷалб мешаванд. Тибқи нақша, соли ҷорӣ дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии «Зимчруд»-и ноҳияи Шоҳмансур ва «Шарора»-и ноҳияи Исмоили Сомони шаҳри Душанбе 1720 нафар кӯдак дар чор баст истироҳат менамоянд. Тавре ки муовини сардори раёсати таъминоти методии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Аслиддин Ёров иттилоъ дод, дар назди 47 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии пойтахт ва Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе барои 7760 нафар дар чор баст майдончаҳои тандурустиву солимгардонӣ ташкил гардид. Мувофиқи қарори Раиси шаҳри Душанбе, истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ ва майдончаҳои тандурустиву солимгардонии назди муассисаҳои таълимӣ аз буҷети ноҳияҳои пойтахт маблағгузорӣ мешаванд.

«НИЛУФАР»

Бояд қайд намуд, ки соли дуюм аст, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 72 ба номи Гулчеҳра Сулаймонии ноҳияи Фирдавсӣ майдончаи тандурустиву солимгардонӣ ташкил мешавад. Соли ҷорӣ қарор аст, дар истироҳатгоҳ 160 нафар хонанда дар чор баст фаро гирифта шаванд.

– Дар ҳар баст 40 хонанда ҷалб гардида, айни замон басти дуюми истироҳат идома дорад. Дар майдончаи тандурустиву солимгардонии «Нилуфар» асосан кӯдакон аз оилаҳои ниёзманд, хонандагони фаъоли муассиса, иштирокчиёни озмунҳои фанниву варзишӣ ва дигар хоҳишмандони аз 8 то 12-сола метавонанд тибқи роҳхат биёянд. Дар ин ҷо ҳуҷраҳои машғулиятҳо, толори варзиш, ҳавзи оббозӣ, ошхона мавҷуд буда, тамоми шароит барои иштироккунандагон муҳайё гаштааст,-иброз намуд роҳбари майдончаи тандурустиву солимгардонии «Нилуфар» Зарина Саодатқадамова.

Мувофиқи реҷаи рӯзи муайянгардида, қабули хонандагон дар истироҳатгоҳ аз соати 7:30 оғоз гардида, сипас варзиши пагоҳирӯзӣ, истеъмоли субҳона, ҷамъомад, машғулиятҳо, бозиҳои шавқовар, хӯрокхӯрӣ, мутолиаи китоб, сурудхонӣ гузаронида шуда, соати 14 онҳоро ба хонаашон гусел менамоянд.

Маҳфилҳои гуногун, аз қабили расмкашӣ, ҳунармандӣ, шеъру китобхонӣ баргузор мекунем ва хонандагон имкон доранд, мувофиқи завқашон дар онҳо иштирок кунанд.

ИСТИРОҲАТГОҲҲОИ НАЗДИМАКТАБӢ – МАКОНИ ФАРОҒАТ ВА РУШДИ КӮДАКОН

Дар истироҳатгоҳ 6 нафар корманд, аз қабили мураббиён, табиб, ошпаз ба кор ҷалб шудаанд. Ошпаз Гулчеҳра Носирова мегӯяд, ки ҳамарӯза ба хонандагон мувофиқи таомнома субҳона ва дар нисфирӯз ду намуд хӯрок омода мекунад. Ба ғайр аз ин, ба онҳо кулчақанду афшура ва меваҳои гуногун пешниҳод мегардад.

«МАКНУНАҶОН»

Дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18 соли чорум аст, ки майдончаи тандурустиву солимгардонии «Макнунаҷон» дар фасли тобистон фаъолият мекунад. Ҳангоме ки мо бо мақсади шинос шудан бо вазъи майдончаи тандурустиву солимгардонии назди муассиса ба он ҷо омадем, ҳарчанд басти дуюм оғоз гардида буд, аммо аз 40 нафар танҳо 12 хонанда ҳузур доштанд. Роҳбари майдончаи тандурустиву солимгардонии «Макнунаҷон» Таҳмина Марҳамадзода иброз намуд, ки рӯзи аввали басти дуюм асту манбаъд шумораи хонандагон афзоиш хоҳанд ёфт.

Дар муассиса се синфхонаи алоҳида бо бозичаву ҷевон, мизу курсӣ, асбобҳои варзишӣ муҷаҳҳазонида ва дар беруни бино ҳавзи сунъӣ барои оббозии кӯдакон гузошта шудааст.

– Давоми рӯз кӯдаконро ба сайругашт мебарем, ҳамроҳашон шеъру китоб қироат мекунем, машғулият ва бозиҳои шавқовари гуногун, амсоли шашкаву шоҳмот мегузаронем, то онҳо ба корҳои беҳуда машғул нагашта, дар баробари истироҳат аз ҷиҳати ҷисмониву зеҳнӣ рушд ёфта, ҷаҳонбиниашон васеъ гардад,-қайд кард мураббия Адолат Ҷумахонова.

Дар истироҳатгоҳ гӯшаи махсуси китобҳо ташкил шудааст, то наврасон дар лаҳзаҳои дилхоҳ тавонанд аз он озодона истифода баранд.

«ЛОЛА» ВА «БОБУНА»

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и ноҳияи Синои пойтахт даври дуюми истироҳатгоҳҳои наздимуассисавӣ оғоз шуд. Дар истироҳатгоҳ 40 нафар аз синфи 1 то 6 ҷалб гардида, ба ду гурӯҳ – «Лола» ва «Бобуна» ҷудо шудаанд.

– Даври аввали истироҳати кӯдакон дар майдончаҳои солимгардонии наздимуассисавӣ анҷом ёфт ва имрӯз мо гурӯҳи дуюмро қабул намудем. Бештар кӯдаконе, ки дар раванди дарс фаъолияти на онқадар хуб доштанд, ҷалб карда шуданд, зеро дар ин давра мо – омӯзгорон, кӯшиш мекунем, ки муҳити озодтарро барои онҳо фароҳам орем. Ғайр аз бозӣ ва истироҳат кӯдакон ба омӯзиш низ машғул мешаванд, - гуфт зимни суҳбат мураббия Хайригул Самиева.

Мо дар машғулиятҳои гурӯҳҳо иштирок намудем. Мураббияи гурӯҳи «Лола» Аниса Якубова ба хонандагон дарси англисӣ мегузашт. Ӯ саволу ҷавоб ва дарсро дар шакли бозӣ баргузор мекард, то ки барои шогирдонаш ҷолибу хотирмон бошад.

Инчунин, бо Файзигул Собирова-муовини директор оид ба корҳои таълим, айни замон мутасаддии майдончаи солимгардонии наздимуассисавӣ иброз доштем:

– Хонандагон ҳамарӯза аз соати 7:30 ба муассиса омада, рӯзи худро дар муассиса аз варзиш оғоз мекунанд. Ҳамчунин, имсол барои хонандагоне, ки дар майдончаи солимгардонии наздимуассисавӣ ҷалб гардиданд, дарсҳои информатика, забони англисӣ ва математика ба роҳ монда шудааст. Мусобиқаҳои варзишӣ, аз қабили шашкаву шоҳмот ва чорабиниҳои гуногун низ баргузор мешаванд. Барои баргузории машғулиятҳо ду синфхона омода гардида, инчунин, дар саҳни ҳавлии муассиса ҳавзҳои оббозӣ барои духтарон ва писарон ташкил шудааст.

Истироҳатгоҳҳои наздимуассисавӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки на танҳо истироҳат, балки дониш, ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои худро такмил диҳанд.

Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

МАСЛИҲАТИ МУТАХАССИС

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2026, №91 «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2026» ба тасвиб расид. Дар банди 5-и қарори мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шудааст: «Роҳбарии методии ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасонро таъмин карда, барои самаранок гузаронидани чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ ва таъминоти истироҳатгоҳҳо бо кадрҳои омӯзгорӣ ҷорачӯйӣ намояд».

Ҳамзамон, тибқи талаботи қарори мазкур, истироҳатгоҳҳои тобистонаи беруназшаҳрӣ ба рӯйи хонандагон дарҳои худро боз намуда, ҳазорҳо кӯдаки синну соли гуногунро ба оғӯши худ гирифтаанд. Барои он ки истироҳату фароғати кӯдакону наврасон хубу хотирмон гузарад, мураббияҳои истироҳатгоҳҳоро мебояд, бозиҳои дилхушкунанда ва фарҳангию маърифатиро интихоб намуда, баргузор намоянд.

Мусаллам аст, ки яке аз омилҳои асосии дилхушии бачаҳо саҳнача ва бозиҳои сужетдори драмавӣ мебошанд. Мураббияҳоро зарур аст, ки дар интихобу таҳияи бозиҳои шавқангез, саҳначаҳои драмавӣ эҷодкорона амал намоянд, ба он кӯшанд, ки кӯдакон на танҳо дам гиранд, балки ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, нутқи гуфторӣ ва қобилияти эҷодиашонро ташаккул диҳанд, тавассути ичрои нақшҳо маърифатнокию савияи дониши худро баланд бардоранд. Дӯстону ҳаммаслакони нав пайдо карда тавонанд, зеро дар бозиҳои драмавӣ бачаҳо ҳақиқати ҳаётро дарк намуда, дар нақш ворид мешаванд.



Роҳбарии педагогӣ ба истироҳати мактабиён

Онҳо дар вақти нақшофарӣ симои калонсолонро ба худ мегиранд. Аз номи онҳо ҳарф мезананду мувофиқи ҳамон нақш амал мекунанд. Ба ҷиҳатҳои мусбату манфии нақш аз диди худ баҳо медиҳанд. Саъй мекунанд, ки нақши офаридаи онҳо диққати дигаронро ҷалб карда тавонаду хотирмон бошад. Бозиҳои драмавиро дар заминаи афсонаҳои халқӣ, матни китобҳои бадеӣ, асарҳои адибони классик ва муосири тоҷик интихоб намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба мураббияҳо тавсия дода мешавад, ки ҳангоми интихоби саҳначаҳои драмавӣ ҳам синну соли хонандагон ва ҳам ҷанбаи тарбиявию ахлоқии онҳоро ба эътибор гиранд. Дар зинаи якуми таҳсилот бештар саҳначаҳоро аз рӯйи афсонаҳои халқӣ интихоб кардан мувофиқи мақсад аст. Барои зинаи дуюми таҳсилот метавонанд аз асарҳои адибони классику муосир намоишномаҳоро интихоб намоянд. Дар ҳар ду маврид ҳам ба нақшофарии бачаҳо, сару либос, ҳаракату бадеият ва нутқи шифоҳии онҳо эътибор додан лозим аст. Нутқи гуфтории хонандагон бояд ифоданоку дар доираи забони адабӣ бошад. Мураббияҳои истироҳатгоҳҳои тобистона бояд дар ниҳоди бачаҳо ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, инкишофи қобилияти қаҳрамонони асар ва хулосаи амиқу дақиқ баровардanро тарбия карда тавонанд.

Хуб мебуд, ки мураббияҳо дар интихоби мавзуъ ва сужети саҳначаҳои драмавӣ ба бачаҳо озодӣ диҳанд, то ки худи онҳо мавзуи саҳначаро интихоб намоянд. Танҳо шахсони масъул мавзуи саҳначаро ба талаботи ахлоқи имрӯзаи ҷомеа мутобиқат кунанд, ба ҳаракату амалиёти бачаҳо ва суханронию гуфтори онҳо эътибор диҳанд. Агар дар интихобу ҷобаҷогузории нақшҳо ба иштибоҳ роҳ диҳанд, саҳнача мазмуну моҳияти худро гум мекунад, ҷанбаи тарбиявӣ, эстетикӣ ва таъсирнокии он коста мегардад.

Ҳамин тариқ, мо ба мураббияҳо тавсия медиҳем, ки дар хонандагони синни 12-14-сола, яъне, зинаи дуюми таҳсилот достони «Писари Ватан»-и устод Мирзо Турсунзодаро интихоб намоянд, зеро он ба синну соли онҳо мувофиқ аст. Як лаҳзаи хурди достон ба ҷабҳа (фронт) гусел кардани Қодирро саҳнавӣ намоянд, нуран алонур мешавад.

Ҳадаф аз гузаронидани чунин саҳначаҳои драмавӣ дар чист? Пеш аз ҳама, тарбияи мактабиён дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ-меҳанпарастӣ, дӯст доштани кишвари биҳиштосои худ, ҳифзи табиату боигарӣ ва ҳар ваҷаб хоки поки он, баъдан, хубу таъсирмон гузаронидани таътили тобистонаи бачаҳо ва ташкил намудани як гурӯҳи ҳамфикру ҳаммаслак ва дӯсту тифоқ мебошад.

Б. ҲАЙДАРОВ,
сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ

Аз 9 то 30 июн экспедитсияи муштараки бостоншиносии Тоҷикистон ва Фаронса гузаронида шуд.

Айби худро аз дӯстоне мапурс, ки бипӯшанд, тафаҳҳус кун, ки душманон чӣ мегӯянд?
Саъдии Шерозӣ

ЗАҲМАТҚАРИН

Омӯзгори «шоҳи фанҳо»

Ин шахс ҳеҷ гоҳ пайи ному нишону унвону мукофот нагаштааст, вале ба он натиҷаҳое, ки даст ёфтааст, кам касе расидааст. Собиқаи омӯзгориаш аз 45 сол кам нест, омӯзгори «шоҳи фанҳо» – математика мебошад. Устод Саидмамадов инсонест хоксору шикастанафс, умре аз касби омӯзгорӣ нони ҳалол хӯрдааст.

Агар деҳқон аз замин ҳосили фаровон ба даст орад, ҳосили заҳмати омӯзгор шогирди ӯст. Шогирдаш ҳар қадар бисёр бошад, ба он дараҷа омӯзгори тавоност. Дар ёд дорам, ҳанӯз аз даврони Шуравӣ шогирдони устод Саидмамад на фақат дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ, балки дар мактабҳои олии дигар ҷумҳуриҳо мехонданд.

Чанд сол пеш дар шаҳри Хоруғ бо устод дучор омадам ва суҳбатамон тафсид. Аз ӯ суол кардам, ки дар ин тамузи тобистон чӣ зарурате дошт, ки шаҳр омадааст. Гуфт, ки ду шогирдаш ба Донишгоҳи байналмилалии шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон ҳуҷҷат супурдаанд ва ҳоло дар ин ҷо аз онҳо имтиҳон гирифта истодаанд. Пурсидам, ки дар ин донишгоҳ шогирд доред ё на? Гуфт, ки камаш 6 нафар дар ин муассиса таҳсил доранд. Ҳамон рӯз баъдтар боз бо устод вохӯрдем, хеле хурсанд буд, дигар ба пурсиш ниёз набуд, маълум, ки шогирдонаш ба ин донишгоҳ дохил шудаанд.

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 9-и деҳаи Хидорчеф бе ягон муболиға, аз пешқадамтарин муассисаҳои таълимии ноҳияи Роштқалъа дониста мешавад, хонандаҳои фаъол ва омӯзгорони пуртаҷриба дорад. Устод Саидмамад Саидмамадов солҳои дароз аст, ки дар ин мактаб кор мекунад.

Ҳар рӯз, вақте ки мо субҳ ба кор меравем, устодро сари роҳ мебинем, ҳар ронандаи мусофиркаш – худиву бегона устодро мешиносад ва албатта, ӯро то мактаб, ки тақрибан 4 километр аз хонааш дур аст, мебарад. Саҳарии барвақт мактаб меравад ва бегоҳӣ бевақт бозмегардад. Аз нахустсоле, ки ба омӯзгорӣ машғул аст, маротибае нисфирӯзӣ хонааш нарафтааст, ҳатто давраи таътил ҳам бо шогирдонаш кор мекунад.


Чанд бор шоҳиди он будам, ки устод баъди дарсҳо дар се-чор синф машғулиятҳои иловагӣ мегузаронад. Ӯ шогирдонро ба гурӯҳҳо тақсим мекунад ва ҳар гурӯҳ дар синфи ҷудогона мешинад. Гурӯҳҳоро вобаста ба сатҳи донишу фаҳмиш дар синфҳо ҷо ба ҷо мекунад, лозим бошад, таълимро аз чор амали математикӣ сар мекунад. Аз ин ҷо барномаву дарсҳо дар ин гурӯҳҳо якхела нестанд, гурӯҳе ҳаст, ки бо математикаи олӣ бархӯрд доранд.

Як писари ман чун ба синфи 11 гузашт, хост дар пеши устод муддате омодагӣ бинад, зеро баъди хатми мактаб ният карда буд, ки ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дохил гардад. Худ дарк карда буд, ки аз математика донишаш барои дохил шудан ба мактаби олӣ кофӣ нест, вале аз деҳаи Лахшик то деҳаи Хидорчеф роҳ дароз аст, бо вуҷуди ин аз нияташ нагашт. Ҳар рӯз мерафту меомад ва то бевақтӣ мисолу масъала ҳал мекард, то соати 1 ё 2-и шаб мешишт. Он дафтарҳои ғафс, ки бо онҳо ба дарс мерафт, ҳафтае мепоиданд ё на. Дар давоми ҳамон соли таҳсил ҳамин қадар дафтарро пур кард, ки шояд дар солҳои мактабхониаш пур накарда буд. Ҳамаи ин гувоҳи он буд, ки омӯзгор то кадом сатҳ нисбат ба дарсу машғулиятҳо ва шогирдон масъулияту муносибати ҷиддӣ дорад. Баъди хатми мактаб писарам тамоми имтиҳонҳоро бо баҳои баланд супорида, донишҷӯи донишгоҳи дилхоҳаш шуд. Ин танҳо як мисоле аз зиндагии худам аст, вале чунин мисолҳо дар зиндагиномаи устод Саидмамад Саидмамадов басо зиёданд.

Устод С. Саидмамадов бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст. Чунин омӯзгорони асилро шинохтану бо мукофотҳои шоиста қадр кардан зарур аст.

Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,
«Омӯзгор»

Ҷамоати деҳоти Понғоз калонтарин ва машҳуртарин мавзеъ дар ноҳияи Ашт ба ҳисоб меравад. Имрӯз теъдоди аҳолии он аз 33 ҳазор нафар гузаштааст. Хонандагони ин ҷамоати деҳот дар 15 муассисаи таълимӣ дониш меомӯзанд. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ин ҷо 5 муассисаи таълимӣ бо ибтикори Ҳукумати мамлакат ва соҳибкорон қомат афрохта, фарзандони мардумро ба огуш гирифт.



Накукорӣ саодатмандист

Ба ободкорӣ, махсусан, ба бунёду муҷаҳҳазонидани мактабҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардани соҳибкорони ватандӯсту саховатманд, пеш аз ҳама, натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҳамагон огоҳем, ки Сарвари кишвар ҳама ҷо аз сарватмандону соҳибкорон даъват менамоянд, ки бо ҳукумат дар сохтмони таълимгоҳҳо ҳамкорӣ дошта бошанд. Ин даъвати Президенти мамлакатро дар Ҷамоати деҳоти Понғоз бародарон Муҳиддиновҳо хуш пазируфтанд. Онҳо дар оила шаш бародар ва се хоҳаранд: Шаробиддин, Ҳабибуллоҳ, Исматуллоҳ, Салоҳиддин, Насриддин, Раҳматуллоҳ, Тоҷинисо, Гавҳар ва Сабоҳат.

Соли 2000 барои бунёди таълимгоҳ дар мавзеи Ҳоитои маҳаллаи Қалъаи ҷамоат замин ҷудо карданд. Аҳолии ин мавзеъ ва гирду атроф соли 2002 тариқи ҳашар пойдевори таълигоҳи навро гузоштанд. Мутаассифона, баъд аз ин мактаб ва сохтани он ба боди фаромӯшӣ рафт. Боре собиқ омӯзгор Абдулҳамид Тошматов ба Ҳабибуллоҳ Муҳиддинов дар омади сухан ёдрас гашт: «Бародарат Шаробиддин (сарвари хоҷагии деҳқонии ба номи «Ҷамолиддин Муҳиддинов») хоҳони бо кори хайре абадӣ гардонидани номи қиблагоҳатон буд. Хуб мешуд бо маслиҳат сохтмони ҳамон муассисаи таълимиро ба итмом мерасонидед ва ба номи падар мегузоштед». Ҳабибуллоҳ рост ба назди модар омад ва аз ин хусус бо ӯ маслиҳат кард. Модар иброз дошт, ки агар тавонеду аз худатон дилатон пур бошад, албатта, ин кори хайрро сомон бахшед. Ҳабибулло, ҳамчунин, бо бародарону хоҳаронаш машварат орост ва ба хулосае омаданд, ки баҳри хотири неки падари бузургвор аз пайи кор мешаванд. Ҷамолиддин Муҳиддинов кист?

Соли 2010 бо давутоз баҳри таҳияи ҳуҷҷатҳо паси сар шуд. Соли 2011 дар охири фасли баҳор ба сохтани бино шуруъ намуда, дар зарфи камтар аз ду моҳ яъне, 57 рӯз онро ба анҷом расонданд. Ҳамон сол бародарон аз ҳосили замини пахта, боғот ва аз тиҷорат фоидаи зиёд ба даст оварданд.

Соли хониши 2011-2012 муассисаи таълимии нави рақами 58 дари худро ба ташнагони дониш боз намуд ва он номи шодравон Ҷамолиддин Муҳиддиновро гирифт. Бино аз 8 синфхона, хонаи омӯзгорон ва ҳуҷраи сарвари муассиса иборат буд.

Ҳаёт давом дошт. Зиндагӣ пеш мерафт. Хонаҳо дар мавзеъҳои гирду атрофи мактаб яке паси дигар қомат меафрохтанд. Аҳолӣ зиёд мегашт.

Соли 2016 Ҳабибуллоҳ баъди аз Россия омадан боре ба таълимгоҳ омаду бо сарвари вақти он Шодибек Дадоматов ҳамсуҳбат гардид. Роҳбари муассиса аз зиёд гаштани миқдори хонандагон ва нарасидани синфхонаҳо сухан гуфт. Ҳабибуллоҳ бегоҳ ҳама бародарону хоҳаронро ба назди модар даъват намуд. Баъди аз ҳолу аҳволи якдигар бохабар шудан, мақсадашро чунин иброз намуд: Дар байни мардум мақоле ҳаст: «Ба майдон ки ворид шудӣ, ҳунаратро нишон деҳ». Ман имрӯз дар таълимгоҳи ба номи падар будам. Сафи хонандагон зиёд гардидаасту синфхонаҳо намерасанд. Биёед, боз як камари ҳиммат бандему дар шафати бинои мактаб боз як бинои дигаре бунёд намоем».

Ҳама пешниҳоди бародарро дастгирӣ намуданд. Дар давоми чанд рӯз ҳуҷҷатҳоро ба расмият дароварда, иҷозати сохтанро гирифтанд ва ба кор оғоз карданд. То саршавии соли хониши 2017-2018 як бинои хуби замонавии дорои 8 синфхона бо ҳама таҷҳизоташ ба муассиса аз номи бародарон Муҳиддиновҳо туҳфа гардид. Шодиву хурсандии аҳли ҷомеа, омӯзгорон ва талабагони таълимгоҳро ҳадду канор набуд. Бародарон дар иртибот ба иқдомҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ободкориву созандагӣ чун дигар шахсони хайрхоҳи кишвар ба ободии як гӯшаи диёр камар баста, ба мақсад расиданд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»,
Раҳим ҚОБИЛОВ,
узви ИЖТ

Дар ҳалқаи шогирдон

Муаллими аввалини мо Сомина Ғозиева азизу маҳбуби садҳо шогирдон аст. Ӯ соли 1977 ба шуъбаи рӯзонаи Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод (ИДПЛ) ба номи С. М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба факултети педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дохил шуда, онро соли 1981 хатм намуд.

Фаъолияти меҳнатиро соли 1981 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ оғоз намуд. Аз соли 1993 то инҷониб дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и ноҳияи мазкур фаъолият дорад. Солҳои 1994-2018 ҳамчун муовини директор оид ба таълими синфҳои ибтидоӣ кор кард. Муаллима давоми 45 соли фаъолияти педагогӣ шогирдони зиёдеро ба камол расонид. Дар байни онҳо омӯзгорон, табибон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва ғайраҳо мебошанд, ки сарбаландона барои пешрафти кишвар саҳм мегузоранд.

Чанд шогирд ҳамроҳи ӯ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳамчун омӯзгор фаъолият менамоянд.

Банда худ шогирди омӯзгори ҳалиму хоксор Сомина Ғозиева мебошам. – Ман, -мегӯяд муаллима, ҳамеша кӯшиш мекунам, ки шогирдонам дар машғулиятҳо фаъол бошанд ва барои дар сатҳи баланд дониш гирифтани онҳо аз усулҳои фаъоли таълим истифода мебарам. Бовар ҳосил кардам, ки дар интихоби касб хато накардаам. Вақте ки вориди синфхона мешавам, ба дунёи рангини кӯдакон ворид шуда, дарду ғамҳоямро фаромӯш мекунам. Барои ман суханҳои Муҳаммад Риҷоӣ шиор шудааст: «Муаллимӣ шуғл нест, балки ишқ аст. Агар онро чун воситаи рӯзгузаронӣ интихоб намудаӣ, раҳояш кун ва агар ишқи туст, муборакат бод».

Омӯзгорӣ барои устоди азизи мо ишқ аст, аз ин рӯ, барояш комёбиҳои бештарро таманно дорам.

Шарифҷон САТТОРОВ,
омӯзгори калони кафедраи идораи молияи Донишкадаи политехникии ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

КАСБОМӮЗӢ

Таълими меҳнат ва тарбияи касбӣ

Омӯзиши таълими меҳнат дар мактабҳо яке аз омилҳои муҳим ва муассири тарбияи амалӣ ва касбӣ барои хонандагон мебошад. Ин фан на танҳо малакаҳои дастӣ ва эҷодиро инкишоф медиҳад, балки дар тарбияи шахсият, масъулиятпазирӣ ва фикри мустақил низ нақши калон мебозад. Бо таваҷҷуҳ ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии тайёр кардани ҷавонон бо малакаҳои амалии корӣ ва эҷодкорӣ аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Омӯзиши таълими меҳнат ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои назариявиро аз бар кунанд, балки малакаҳои амалии истифодаи онҳоро низ соҳиб шаванд.

Дар раванди омӯзиши таълими меҳнат хонандагон бо таҷрибаҳои амалӣ шинос мешаванд. Ин таҷрибаҳо имкон медиҳанд, ки фикри эҷодии онҳо рушд ёбад.

Нақши омӯзиши фанни таълими меҳнат дар рушди малакаҳои иҷтимоӣ низ бузург аст. Беҳтарин натиҷаҳо дар он ҳолате ба даст меоянд, ки омӯзгорон методикаи амалӣ, интерактивӣ ва эҷодиро истифода намоянд, хонандагонро ба иштироки фаъолона дар таълим ҷалб кунанд.

Ба иловаи ин, омӯзиши таълими меҳнат ба тарбияи касбӣ ва ҳавасмандии хонандагон мусоидат мекунад. Бо истифода аз таҷрибаҳо ва лоиҳаҳои амалӣ, хонандагон дарк мекунанд, ки ҳар малакаи амалӣ метавонад дар ҳаёти воқеӣ муфид бошад.

Омӯзиши фанни таълими меҳнат дар рушди шахсият, масъулиятмандӣ, фикри мустақил ва омодагӣ ба ҳаёти касбӣ нақши муассир дорад. Барои самараноктар шудани таълим, истифодаи усулҳои интерактивӣ, таҷрибаҳои амалӣ ва лоиҳаҳои гурӯҳӣ зарур мебошанд.

Париноз МИРЗОЕВА,
омузгори МТМУ №44-и
ноҳияи Исмоили Сомонӣ

ТАНДУРУСТӢ

Эндокринология: ниёз ба мутахассисон бештар мешавад

Солҳои охир бемориҳои эндокринӣ, бахусус, диабети қанд ба яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи тандурустӣ табдил ёфтааст. Афзоиши шумораи гирифторони ин беморӣ зарурати таҳкими низоми ташхис, назорат, табобат ва пешгирии онро ба миён овардааст. Дар ин раванд, нақши табибони эндокринолог ва диабетологҳо басо муҳим мебошад.

Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки шумораи беморони гирифтори диабети қанд дар ҷаҳон ва Тоҷикистон сол аз сол меафзояд. Тибқи пешгӯии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, шумораи гирифторони бемориҳои эндокринӣ соли 2020, ки 630 миллион нафарро ташкил медод, бояд то соли 2030 ба 780 миллион нафар мерасид, аммо ин шумора ҳоло ба 840 миллион нафар расидааст, ки ташвишовар мебошад. Шумораи воқеии гирифторон метавонад аз ин ҳам бештар бошад, зеро бархе шахрвандон аз бемории худ огоҳ нестанд ё барои ташхис ба муассисаҳои тиббӣ мурочиат намекунанд.

Дар чунин шароит масъалаи омодасозии кадрҳои баландихтисоси тиббӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Ташхис ва табобати бемориҳои эндокринӣ ба донишу малака ва таҷрибаи баланди табибон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дар баробари рушди инфрасохтори тиббӣ, такмили низоми таълим ва бозомӯзии мутахассисон низ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии соҳаи тандурустӣ ба шумор меравад.

Талабот ба мутахассисон меафзояд

Дар даҳсолаҳои охир бемориҳои эндокринӣ ба яке аз мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтаанд. Афзоиши шумораи беморони гирифтори диабети қанд, бемориҳои ғадуди сипаршакл (ҷоғар), фарбеҳӣ ва дигар ихтилоли мубодилаи моддаҳо зарурати таҳкими хизматрасониҳои эндокринологиро ба миён овардааст. Ба гуфтаи Тоҳир Саъдуллозода, директори Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологӣ, сабабҳои асосии афзоиши ин бемориҳо тағйир ёфтани тарзи зиндагӣ, камҳаракатӣ, ғизои носолим, ҳаяҷон ва омилҳои ирсӣ мебошанд.

Мутахассисон, инчунин, аз пайдоиши ҳолатҳои диабети қанд дар байни кӯдакон ва наврасон изҳори нигаронӣ мекунанд.

– Агар солҳои пеш ин беморӣ бештар дар байни калонсолон мушоҳида мешуд, имрӯз дар байни кӯдакон низ ҳолатҳои гирифторшавӣ ба қайд гирифта мешавад. Ин вазъият зарурати омода намудани эндокринологҳои кӯдаконаро боз ҳам муҳимтар мегардонад, зеро ташхис ва табобати бемориҳои эндокринӣ дар кӯдакон аз табобати беморони калонсол фарқ дошта, донишу малакаи махсусро талаб мекунад. Шумораи гирифторони бемориҳои эндокринӣ дар байни кӯдакон он қадар ташвишовар нест, аммо дар қиёс ба солҳои гузашта афзоиш ёфтааст. Ҳоло дар кишвар 12 мутахассиси эндокринологӣ барои кӯдакон фаъолият мекунанд,-зикр намуд Т. Саъдуллозода.

Рушди муассисаҳои тандурустӣ ва дастрас гардидани усулҳои нави ташхис имкон фароҳам овардааст, ки бемориҳо дар марҳалаҳои аввал ошкор карда шаванд, вале барои истифодаи самараноки он кадрҳои баландихтисос шарти асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, масъалаи омодасозии эндокринологҳо, диабетологҳо ва дигар мутахассисони соҳа имрӯз ба яке аз талаботи рӯзафзуни кадрии соҳаи тандурустӣ табдил ёфтааст.

Омодасозии кадрҳо дар мактабҳои олии тиббӣ

Таъмини беморхонаҳо бо мутахассисони варзида ба сифати низоми таҳсилоти муассисаҳои олии касбии соҳаи тиб вобастагии калон дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омодасозии табибон асосан дар заминаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Донишгоҳи тиббии Хатлон, Донишкадаи ҷумҳуриявии тиббӣ-иҷтимоӣ ва дигар муассисаҳои таълимии тиббӣ ба роҳ монда шудааст.

Раванди омодасозии эндокринологҳо аз омӯзиши фанҳои умумии тиббӣ оғоз мешавад. Дар 6 соли аввали таҳсил донишҷӯён анатомия, физиология, биохимия, патофизиология ва дигар фанҳои тибби умумиро меомӯзанд. Дар курсҳои болоӣ бошад, донишҷӯён ба омӯзиши нозукиҳои ихтисоси интихобкарда - бемориҳои дохилӣ, эндокринология ва дигар ихтисосҳои клиникӣ ҷалб мешаванд.

Пас аз хатми донишгоҳ табибони ҷавон метавонанд омӯзишро дар ординатураи клиникӣ идома диҳанд. Ординатура марҳалаи муҳимми ташаккули мутахассиси соҳавӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра табибон таҷрибаи мустақими кор бо беморонро аз худ менамоянд. Мутобиқи маълумоти бадастомада, айни замон 105 нафар дар зинаи ординатура ҳамчун мутахассисони эндокринӣ таҳсил доранд.

Барои омода намудани эндокринологҳои кӯдакона низ барномаҳои махсуси таълимӣ амал мекунад. Ин самт аҳаммияти хос дорад, зеро бемориҳои эндокринӣ дар кӯдакон хусусиятҳои худро дошта, муносибати махсуси ташхисӣ ва табобатиро талаб мекунанд. Табибоне, ки дар ин соҳа фаъолият мекунанд, бояд ҳам дар самти педиатрия ва ҳам дар самти эндокринология дониши амиқ дошта бошанд.

Дар баробари таҳсилоти асосӣ, барои табибон курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамзамон, аз тарафи муассисаҳои тиббӣ мунтазам ташкил карда мешавад. Бо мақсади шинос намудани мутахассисон бо дастовардҳои нави илмӣ, технологияҳои муосири ташхис, усулҳои пешрафтаи табобат, ҳамзамон шудан ва рушди соҳа пайваста табодули таҷриба бо кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Россия, Эрон ва дигар кишварҳои минтақа гузаронида мешавад.

Дар баробари муассисаҳои таҳсилоти олии тиббӣ, Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологӣ дар омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳавӣ нақши муҳим дорад.

Дар марказ табибони ҷавон ва ординаторон имконият пайдо мекунанд, ки донишҳои назариявии худро дар амал татбиқ намоянд. Иштирок дар муоина ва табобати беморон, шиносоӣ бо усулҳои муосири ташхис, таҳлили ҳолатҳои мураккаби клиникӣ ва ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳибтаҷриба ба ташаккули маҳорати касбии онҳо мусоидат менамояд.

Дар марказ мунтазам семинару машғулиятҳои омӯзишӣ, конференсияҳои илмӣ ва чорабиниҳои такмили ихтисос баргузор мегарданд. Дар доираи чунин барномаҳо мутахассисон бо дастовардҳои нави тибби ҷаҳонӣ, роҳҳои муосири пешгирӣ, табобати диабети қанд, бемориҳои ғадуди сипаршакл ва дигар бемориҳои эндокринӣ шинос мешаванд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми марказ таъмини ягонагии усулҳои ташхис ва табобат дар тамоми минтақаҳои кишвар мебошад. Бо ин мақсад, мутахассисони марказ ба шаҳру ноҳияҳо сафар намуда, ба табибони маҳаллӣ кумаки методӣ мерасонанд, машваратҳо мегузаронанд ва дар баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи онҳо саҳм мегузоранд.

Мутобиқи маълумоти Т. Саъдуллозода, айни замон дар кишвар 6 марказ – дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ 14 шуъба ва 92 ҳуҷра бо 228 мутахассиси варзида ба беморони эндокринӣ хизмат мерасонанд.

Мушкилот ва зарурати тақвияти иқтидори кадрӣ

Бо вуҷуди дастовардҳои солҳои охир дар самти омодасозии кадрҳои тиббӣ, масъалаи таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо мутахассисони соҳаи эндокринология ҳамоно аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами соҳа боқӣ мемонад. Афзоиши шумораи беморони гирифтори диабети қанд ва дигар бемориҳои эндокринӣ талаб мекунад, ки теъдоди мутахассисон низ мутаносибан зиёд карда шаванд.

Яке аз мушкилоти асосӣ нобаробар тақсим шудани кадрҳои соҳавӣ байни минтақаҳо мебошад. Агар дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе фаъолияти эндокринологҳо нисбатан беҳтар ба роҳ монда шуда бошад, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо норасоии мутахассисон эҳсос мегардад. Дар чунин ҳолат беморон маҷбур мешаванд барои ташхис ё худ машварати мутахассис ба марказҳои вилоят ё пойтахт мурочиат намоянд, ки ин ҳам вақти зиёд ва ҳам хароҷоти иловагиро талаб мекунад.

Масъалаи дигар ҷалби мутахассисон ба ихтисосҳои эндокринологияи кӯдакона ва диабетология махсуб меёбад. Бо афзоиши шумораи беморияҳои эндокринӣ дар байни кӯдакон зарурати ҷалби мутахассисони дорои тахассуси баланд бештар эҳсос мешавад. Бояд гуфт, ки рушди ин самт метавонад имконияти ташхиси барвақтӣ ва табобати самараноки бемориҳоро беҳтар намояд.

Дар шароити афзоиши бемориҳои эндокринӣ ва зиёд гардидани талабот масъалаи рушди минбаъдаи иқтидори кадрии соҳа аҳаммияти бештар касб мекунад. Ба гуфтаи Т. Саъдуллозода, барои ҷавобгӯ будан ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ низоми омодасозии мутахассисон бояд мутобиқ ба талаботи замон такмил дода шавад.


– Яке аз самтҳои муҳим густариши имкониятҳои таҳсилоти баъдидипломӣ ба ҳисоб меравад. Афзоиши ҷойҳои ординатураи клиникӣ аз рӯйи ихтисоси эндокринология, ҷалби бештари хатмкунандагони донишгоҳҳои тиббӣ ба ин самт ва такмили барномаҳои таълимӣ метавонанд ба беҳтар гардидани таъминоти кадрии соҳа мусоидат намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки дар раванди таълим ба омӯзиши технологияҳои нав, усулҳои рақамии ташхис, стандартҳои байналмилалии табобат ва дигар ҷанбаҳои муосир таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад,-мегӯяд Т. Саъдуллозода.

Яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳа тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Иштироки мутахассисони ҷавон дар семинару тренингҳои омӯзишии байналмилалӣ барои сайқал додани донишу малака ва табодули таҷриба заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар навбати худ, ин таҷриба метавонад дар такмили фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба беморон нақши муассир гузорад.

Дар ин замина, Барномаи пешгирӣ ва назорати диабети қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 қабул гардид, ки дар он масъалаҳои пешгирӣ ва роҳҳои табобати беморӣ ба таври мушаххас зикр шудааст.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

ЧАШМАНДОЗ



МАОРИФИ ҶАҲОН

ТИМОРИ ШАРҚӢ

Дар солҳои охир таҳсилоти томактабӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати маорифи Тимори Шарқӣ табдил ёфтааст. Вазорати маорифи кишвар бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ барои зиёд намудани дастрасии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ барномаҳои навро амалӣ месозад. Соли 2026 Ҳукумати Тимори Шарқӣ дар ҳамкорӣ бо Агентии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA) ва ЮНИСЕФ лоиҳаи нави густариши таҳсилоти барвақтии кӯдаконро огоз намуд. Лоиҳа 34 кӯдакистонро фаро мегирад ва беш аз 3 ҳазор кӯдаки аз 3 то 5-соларо бо таҳсилоти босифат таъмин хоҳад кард.

Ҳадафи асосии ин ташаббус баланд бардоштани сатҳи омодагии кӯдакон ба таҳсил дар мактаби ибтидоӣ мебошад. Дар доираи лоиҳа биноҳои нави кӯдакистонҳо сохта шуда, муҳити бехатар барои бозӣ ва омӯзиш фароҳам оварда мешавад. Ҳукумати кишвар нақша дорад, ки то соли 2030 ҳадди ақал 80 фоизи кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ дастрасӣ пайдо намоянд.

ГОНДУРАС

Рушди таҳсилоти олии касбӣ яке аз самтҳои муҳимми соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Донишгоҳҳои Гондурас низ кӯшиш доранд, ки барномаҳои таълимиро ба талаботи бозори меҳнат ва иқтисоди рақамӣ мутобиқ созанд. Соли 2026 таваҷҷуҳ ба такмили барномаҳои магистратура ва рушди ихтисосҳои инноватсионӣ бештар гардид.

Дар Гондурас якчанд муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд, ки бузургтарини онҳо Донишгоҳи миллии автономии Гондурас мебошад. Ин муассиса дар баробари таълим, ба пешбурди корҳои илмӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос низ саҳми назаррас мегузорад. Солҳои охир донишгоҳҳо ҳамкориҳои байналмилалии худро бо муассисаҳои хориҷӣ густариш дода, барои донишҷӯён имкониятҳои нави таҳсил ва табодули академиро фароҳам овардаанд.

УРДУН

Имрӯз дар мактабҳои миёнаи Урдун шумораи бештари хонандагон имконият доранд, ки баробари фанҳои умумӣ, ихтисосҳои техникӣ ва касбиро низ омӯзанд.

Урдун дар миёни кишварҳои арабӣ аз аввалин давлатҳо ба шумор меравад, ки таҳсилоти техникӣ ва касбиро ба стратегияи миллии рушди иқтисодӣ ҳамоҳанг кардааст. Коршиносон бар он назаранд, ки чунин сиёсати маориф метавонад сатҳи бекории ҷавононро коҳиш дода, барои рушди истеҳсолот ва соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

СЕРБИЯ

Сербия яке аз кишварҳои пешсаф дар самти рақамикунонии низоми маориф ба шумор меравад. Ҳукумати кишвар барои муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосир ва баланд бардоштани саводнокии рақамии хонандагон сармоягузории назаррас анҷом медиҳад. Дар соли 2026 барномаи рушди мактабҳои рақамӣ идома ёфта, даҳҳо муассисаи таълимӣ бо синфхонаҳои интеллектуалӣ, тахтаҳои электронӣ ва таҷҳизоти нави компютерӣ таъмин гардиданд. Ин иқдом ба беҳтар шудани сифати таълим ва истифодаи усулҳои муосири омӯзиш мусоидат мекунад.

Вазорати маорифи Сербия, инчунин, платформаҳои электронии таълимро такмил дода, барои омӯзгорон ва хонандагон захираҳои рақамии навро дастрас намудааст. Имрӯз аксари мактабҳои кишвар аз рӯзномаҳои электронӣ истифода мебаранд, ки тавассути онҳо волидон метавонанд аз натиҷаҳои таҳсили фарзандони худ масъулият пайдо намоянд.

ГАИТИ

Бо вуҷуди мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳукумати Гаити ислоҳоти соҳаи маорифро идома медиҳад. Яке аз самтҳои муҳимми ислоҳот, таҷдиди барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилотӣ мебошад.

Дар доираи ислоҳот ба фанҳои математика, табиатшиносӣ, технология ва тарбияи шаҳрвандӣ диққати бештар дода мешавад.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Имкониятҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои миллии Тоҷикистон дар Ҳафтаи фарҳангии «Ҷянсу – Осиёи Марказӣ - 2026» муаррифӣ шуд.

Номаи айби касон гирам, ки бархонӣ чу об,
Ним ҳарф аз номаи худ барнамехоҳӣ, чӣ суд?
Рукниддини Авҳадӣ

ЗАБОН ВА ҲУСНИ БАЁН

Дақиқгуфтор бояд буд!

Боре шоҳиди бевоситаи суҳбати сариҳои ду нафари соҳибмаълумот гардидам. Онҳо оид ба тарзи навишт, гуфтор ва истифодаи калимаи «авқот» баҳсу мунозира мекарданд.

Ман тасмим гирифтам, ки оид ба ин калима ва боз чанд калимаю ибораи дигар маълумоти мухтасареро пешкаши хонандагон намоям.

Калимаи «авқот» аз забони арабӣ гирифта шуда, ҷамъи калимаи «вақт» мебошад, яъне, решаи калима «вақт» аст. Чун мо иддае маънои аслии калимаи «авқот»-ро намедонем, пас, ба нодуруст истифода намудани он низ эътибор намедиҳем.

Аз ин боис, вақте ки мо «авқот мехӯрем» мегӯем, мо, дар асл, на чизеро истеъмол, балки «вақт»-ро чун маводи ғизоӣ тановул менамоем, ки чунин тарзи баёни фикр иштибоҳе беш нест. Масалан:

Авқоти хуш он буд, ки бо дӯст ба сар рафт,
Боқӣ ҳама беҳосилию бехабарӣ буд.
(Ҳофизи Шерозӣ)

Ба ин монанд, ибораҳои «авқоти ҳамида» (вақтҳои хуш, зиндагонии хушҳолона), «авқот нагузоштан» (киноя аз сахтии аҳвол) ва «авқоти хеш барбод додан» (беҳуда гузаронидан ва талаф намудани вақти худ) низ далели бо калимаи «вақт» рабт доштани фикрҳои болоиро тақвият мебахшанд. Гузашта аз ин, дар асл, шакли дурусти ин калима «ақвот» (на «авқот») буда, ҷамъи калимаи «қут» мебошад. Ин калима (яъне, «қут»), аслан, арабӣ буда, ифодагари хӯрданӣ ва ё чизеро истеъмол намудааст. Масалан:

Ба бозу ҳосил орад қути фарзанд,
Хӯрад хуш бо аёли хешу пайванд.
(Носири Хусрав)

Илова бар ин, боз ибораи «қути лоямут», ки камтарин миқдори ғизоро барои зинда мондан ифода менамояд, аз калимаи «қут» маншаъ мегирад.

Дарвоқеъ, мо ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки дар пештоқи қисмати болоӣ ва ё даромадгоҳи бештари нуқтаҳои хидматрасониҳои маишие, ки бевосита ба пухту паз ва тайёр намудани ғизоҳои истеъмолӣ сару кор доранд, навиштаҷоти (овезаи) «таомҳои миллӣ» (на «авқоти миллӣ») насб карда шудааст. Ҳатто, боре дар девори ошхонае (намедонам ба чӣ хотир ин байтро он ҷо сабт намудаанд) байти зайлеро қироат намудам:

Таом афзун махӯр ногоҳу носос,
Ки он афзун туро, бешак, хӯрад боз.
(Фаридуддини Аттор)

Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, гумон мекунем, ки истифодаи калимаи «ғизо» ҳангоми истеъмоли маводи ғизоӣ ба тарзи баёну гуфтори соҳибони забон хеле зебандаю хушоянд ва мувофиқ мебошад.

Дар феҳрист (номгӯ)-и муассисаҳои илмӣ, ҷашнӣ, соҳавӣ ва дигар калимаю ибораҳо, аз қабили «ғизои маънавӣ», «ғизои руҳӣ», «ғизои ҷисмонӣ», «ғизои солим», «ғизои мактабӣ» танҳо мафҳуми «ғизо» насб ва сабт шудааст. Аз ин боис, месазад, ки аз ин баъд, ба ҷойи калимаҳои «авқот», «хӯрок» ва «таом» бештар аз калимаи «ғизо» истифода намоем.

Ба ин маънӣ, шоире барҳақ фармудааст:

Ғизои кам шифоангез бошад,
Вале асли даво парҳез бошад.

Дуюм, калимаи «тақсир». Ин калима низ аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш нуқсон, хато, айб ва кӯтоҳӣ мебошад. Масалан: «туро аз ин тақсир муоф доштем» (Авфӣ).

Калимаи «тақсир» имрӯз дар забони васеи омма аҳён-аҳён дар баъзе маврид истифода шавад ҳам, то кунун мақом ва мартабаи он дар доираи як гурӯҳи муайян устувор мебошад. Масалан, мо борҳо дар маросими хурсандӣ, аз қабили маъракаю тӯй ва базму чорабиниҳои мардумӣ иштирок намуда, шоҳиди он мешавем, ки чӣ тавр мизбонон меҳмонони обрӯманду баландмартабаро бо як лутфу эҳтироми хосса, «тақсир, марҳамат намоед», «тақсир, боло гузаред», «тақсир, хуш омадед»,-гӯён қабул ва гусел менамоянд. Вале аз сабаби оне ки ба маънои луғавии ин калима дуруст сарфаҳм намеравем, калимаи «тақсир»-ро ҳамчун нишони васфу ситоиш ва ҳурмату эҳтиром нисбат ба ҳамдигар қабул менамоем. Ба ин монанд, боз ибораҳои «тақсир пазируфтан» (авф кардан, аз гуноҳ гузаштан), «тақсирбин» (нуқсонбин) низ дар муошират вомехӯранд, ки аз кореро ба кӯтоҳӣ ва ё ба камбудӣ иҷро кардanamон шаҳодат медиҳанд. Масалан:

Гар рафт ба саҳву в-ар ба амдо,
Тақсир пазиру ҷурм бахшо.
(Шамсиддин Шоҳин)

Сеюм, калимаи «аэропорт» ва ё «фурудгоҳ». Ба ҳамагон маълум аст, ки калимаи «аэропорт» аз забони англисӣ «air»- «ҳаво» ва «port» - бандар, яъне, «бандари ҳаво»-и гирифта шуда, айни замон яке аз калимаҳои серистифодаю маъмултарин мебошад. (Нагуфта намонад, ки дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ ишора меравад, ки гӯё калимаи «аэропорт» аз забони юнонӣ гирифта шудааст. Вале то чӣ андоза ин фарзия дуруст аст ва ё не, чизе гуфтан наметавонем).

Дарвоқеъ, вақте мо калимаи «фурудгоҳ»-ро истифода менамоем, хоҳу нохоҳ дар фикрамон ишораи поён ва ё фуруд омадани тайёраҳо чарх мезанад. Ба ин минвол, тайёраҳо дар фосилаҳои давомноки вақт, яке паси дигаре бо навбат ба майдонҳои ҳавоӣ фуруд меоянд. В-он гоҳ, зимни нишасти тайёраҳо ба мо маълум мегардад, ки аз ду самти ҳаракати тайёраҳо, ки яке ба парвоз ва дигаре ба фуруд омадани онҳо рабт дорад, танҳо як амалиёти воқеӣ иҷро карда мешаваду халос. Аниқтараш, агар мо ба истилоҳи имрӯзаи «фурудгоҳ» такя намоем, дар ин сурат, мо танҳо поён омадани тайёраҳоро мебинем, вале амалиёти ҷавобии онҳо, ки парвоз намудан аст, ҳатто дар рӯзи равшан, дар пасманзараи назарҳо бароямон торик ва норӯшан мемонад. Пас, агар мо мантиқан дар бораи калимаи «фурудгоҳ», ки дар ниҳояти кор иҷрои амалиёти яктарафаро мефаҳмонад, фикр намоем, он гоҳ ин тарзи навишту гуфтор ҳамвазн ба он аст, ки гӯё рӯз ҳасту шаб нест, равшанӣ ҳасту торикӣ нест, паст ҳасту баланд нест, ҷавон ҳасту пир нест ва аз ҳама асосӣ, қонуни дуюми Нютон «Таъсир ва акси таъсир», яъне, таъсираш ҳасту аммо амалиёти бозгашташ нест.

Дар истилоҳоти авиатсияи гражданӣ мафҳумҳое, аз қабили «майдони ҳавоӣ» («взлётная площадка) ва «майдони фуруд» («посадочная площадка») вомехӯранд, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ иҷрои амалиёти гуногунҷабҳаро мефаҳмонанд. Пас, худатон қазоват намоед, модоме ки тайёраҳо пайваста аз нуқтаҳои муайянкардашуда парвоз намуда, бозпас ба майдони нишаст фуруд меоянд, мо чӣ тавр дидаву дониста, макони хидматрасониҳои онҳоро танҳо «фурудгоҳ» ном мебарем?!

Аз ин хотир, мо метавонем, калимаи «фурудгоҳ»-ро бо истилоҳи «майдони ҳавоӣ», ки амалиёти дуҷонибаро пайгирӣ менамояд, иваз намоем.

Пӯшида нест, ки тайи солҳои охир дар пештоқи аксари марказҳои тиҷоратӣ, хидматрасонӣ ва муассисаҳои тиббию табобатӣ навиштаҷоту овезаи русии «Мы открылись», яъне, «Мо кушода шудем» насб карда шудааст. Ҳамзамон, дар сурати қатъ кардани фаъолият овезаҳои «Мы закрылись», яъне, «Мо пӯшида шудем»-ро дубора ҳаккокӣ менамоянд. Бинобар ин, азбаски ҷумлаҳои болозикр тарҷумаи таҳтуллафзӣ мебошанд, чунин тарзу усули тарҷума, ба таъкиди устод, профессори ДМТ Аламхон Кӯчарзода, қобили қабул набуда, баръакс, бо маънои аслӣ ва маҷозии худ муродифи русиашонро комилан ифода карда наметавонанд. Ба андешаи устод, таркибҳои мазкури русиро чун «Мо ба фаъолият шуруъ кардем» («Мы открылись») ва «Мо фаъолиятро қатъ кардем» («Мы закрылись») тарҷума кардан ба мақсад мувофиқтар мебошад.

Аз ин хотир, дар хотима зарур донистем, ки ба таври умум, пешниҳодҳои худро манзур намоем:

1. Китоби «Луғатнома» барои хонандагон аз ҳар фан дар алоҳидагӣ нашр карда шавад.

2. Омӯзиши «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро дар муассисаҳои таълимӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ мондан зарур аст.


Орифҷон ТОҶИЕВ,
омӯзгори собиқадор, ноҳияи Айнӣ

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «ВЕКТОР»

1. Китоби Пешвои миллат дар бораи забон. 2. Қаҳрамони халқи тоҷик. 3. Муаллифи матни Суруди миллии Тоҷикистон. 4. Минтақаи озоди иқтисодӣ дар ВМКБ. 5. Омӯзгор. 6. Синоними «мактаб» дар гузашта. 7. Намуди тутӣ. 8. Алошақшақа. 9. Яке аз воситаи асосии тайёр намудани кормандони соҳаи илм. 10. Яке аз қадимтарин осори адабиёти тоҷику форс. 11. Маълумот, ҳисобот. 12. Майдони калони марказӣ дар Самарқанди бостонӣ. 13. Калонтарин шаршараи олам. 14. Қитъа. 15. Ҳамсоядавлат. 16. Шоири шинохтаи рус. 17. Порчаи самтдор дар риёзиёт. 18. Роҳбари мактаби олӣ. 19. Ноҳия дар ВМКБ. 20. Номи сарояндаи хушовози эстрадаи тоҷик. 21. Унсури химиявӣ. 22. Пойтахти давлат дар Осиё. 23. Ноҳияи ғаллакор ва пахтакор дар вилояти Хатлон. 24. Аввалин генералзани тоҷик. 25. Ноҳия дар вилояти Суғд. 26. Мева. 27. Парандаи зебо. 28. Майдони варзишӣ дар шаҳри Душанбе. 29. Асбоби рӯзгор. 30. Асбоби мусиқӣ. 31. Асбоби физикӣ барои пасту баланд кардани ҷараён. 32. Фасли сол. 33. Маслиҳати хайрхоҳона 34. Рустании полезӣ.

Тартибдиҳанда
Нуралишо СУЛАЙМОНШОЕВ,
Аълочии матбуоти Тоҷикистон



Ҷавоби муаммои «Барно» («Омӯзгор», №26, 02.07.2026)

Аз боло ба поён:
2. Акка. 3. Лола. 4. Салис. 5. Асади. 6. Ҳован. 8. Одина. 9. Русто. 12. Арча. 13. Обид.

Аз чап ба рост:
1. Сандалӣ. 4. Самак. 7. Лоҳур. 10. Саромад. 11. Дагарон. 14. Собир. 15. Барно. 16. Навшодӣ.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №0175268, дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2006 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98-и ноҳияи Сино ба Муҳаббатова Ганҷина додааст, эътибор надорад.

Роҳбарият ва кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат Фирдавс Сангинзода бинобар даргузашти ПАДАРАШ ҳамдардӣ баён намуда, ба аҳли оила ва наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44645 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҷ. Қиёмиддин